**МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МАЪРӮЗАИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2015

**ДУШАНБЕ – 2016**

**Маърӯзаи мазкур бо кумаки Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) нашр шудааст.**

***Маърӯзаи пешниҳодшуда шашумин Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки тибқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади иттилоотонии мақомоти давлатӣ аз фаъолияти ВҲИ ва вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 таҳия гардидааст.***

***Маърӯза инчунин барои созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма ва аҳли ҷомеа низ пешбинӣ шуда, бо забони давлатӣ, забонҳои русӣ ва англисӣ нашр ва интишор карда мешавад.***

***Бо мақсади таъмини дастрасии бештар ба Маърӯза матни электронии он дар сомонаи www.ombudsman.tj ҷой дода шудааст.***

**Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Хонандаи муҳтарам,**

Соли 2015 Тоҷикистон бо ташаббусҳои наҷиб, густариши равобити байналмилалӣ, баргузории чорабиниҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва мавқеи устувораш дар пешрафти ҳуқуқи инсон ва мубориза бар зидди зуҳуроти номатлуб – терроризм ва экстремизм дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ қарор дошт.

Шаҳрвандони Тоҷикистон дар ин сол бо истифода аз ҳуқуқҳо ва уҳдадориашон дар чорабинии муҳими сиёсӣ – интихоботи узви Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллӣ дар асоси принсипҳои умумӣ, баробарӣ ва шаффофият иштироки фаъолона намуданд.

Дар соли 2015 Маърӯзаи миллии навбатии Тоҷикистон оид ба татбиқи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Кумитаи дахлдори СММ баррасӣ гардида, барои кишварамон тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

Бо мақсади иҷрои дастури Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси додани ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки аз Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 бармеояд, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо Гурӯҳи корӣ вазъ ва асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ин ниҳодро тарҳрезӣ ва омода намуд.

Соли 2015 Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2011-2015 ҷамъбаст гардида, Стратегияи нави мақомот барои солҳои 2016-2020 таҳия ва тасдиқ шуд.

Фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи сипаришуда низ ба эътироф, эҳтиром, риоя, ҳифз ва таъмини ҳуқуқи инсон равона шуда, таҳким ва рушди он ҳамчун мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқи инсон идома ёфта, бо дарназардошти ин Маърӯзаи навбатии худро пешниҳод менамояд.

Итминон дорам, ки Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015 мавриди баррасии мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҳар як фарди ҷомеа қарор гирифта, ба пешрафти минбаъдаи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон мусоидат мекунад.

***Бо эҳтиром,***
***Ваколатдор оид***
***ба ҳуқуқи инсон***
***Зариф Ализода***

# МУНДАРИЧА


ПЕШГУФТОР........................................................................ 5-6

## 1. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2015

1.1. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон .............................................. 7-9
1.2. Муроҷиатҳои шаҳрвандон .............................................. 9-13
1.3. Такмили қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон .................. 13-15
1.4. Баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон .............................................. 15-18
Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 .............................................. 18-19
1.5. Ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ............ 19-20
1.6. Таъминоти молиявии фаъолияти мақомоти ВҲИ ҶТ ............... 20-21

## 2. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф .............................................. 22-28
2.2. Ҳуқуқ ба озодии ифрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма .............................................. 28-31
2.3. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида .......... 31-35
2.4. Ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шахс ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ .............................................. 35-40
2.5. Ҳуқуқи гурезаҳо .............................................. 40-44
2.6. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ.............................................. 44-48
2.7. Ҳифзи ҳуқуқи маъюбон .............................................. 48-52
2.8. Ҳуқуқ ба манзил .............................................. 52-56
2.9. Ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ .............................................. 56-59
2.10. Ҳуқуқи кӯдакон .............................................. 59-65
2.11. Ҳуқуқи занон .............................................. 66-69

ХОТИМА .............................................. 70-73

# ПЕШГУФТОР

Соли 2015-ум барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти эътироф, эҳтиром, риоя, ҳифз ва таъмини ҳуқуқи инсон, рушди демократия ва созандагию ободонӣ марҳилаи муҳим гардид.

Маърӯзаи навбатии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ВҲИ) барои соли 2015 бо дарназардошти вазъи воқеии ҳуқуқи инсон, дастовард ва норасоиҳо дар ин самт, саҳм ва иштироки ВҲИ, дигар мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон таҳия гардидааст.

Маърӯзаи ВҲИ барои соли 2015 аз пешгуфтор, ду қисм ва хулоса таркиб ёфта, бо мақсади беҳтар кардани вазъи таъмини ҳуқуқҳои инсон вобаста ба ҳар як самти баррасигардида тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд.

Қисми якум масъалаҳои таҳкими иқтидори мақомоти ВҲИ ва фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии он, омор ва таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандон, такмили қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи инсон, баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон дар самти ҳуқуқи инсон, ҳамкориҳои мақомот дар ин самт ва таъминоти молиявии ВҲИ дар соли 2015-ро фаро мегирад.

Дар қисми дуюми Маърӯза масъалаҳои ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма, ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шахс ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ, ҳуқуқи гурезаҳо, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ва манзил, ҳифзи ҳуқуқи маъюбон, муҳоҷирони меҳнатӣ, кӯдакон ва занон таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Лозим ба ёдоварист, ки масъалаҳои ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шахс ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва ҳуқуқи гурезаҳо бори аввал дар Маърӯзаи ВҲИ ҳамчуни самти алоҳида мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Маърӯзаи мазкур бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон таҳия гардида, тақозо менамояд, ки бо дарназардошти дастовардҳои муҳими Тоҷикистон дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон барои пешрафти минбаъдаи онҳо ва бартараф намудани норасоиҳои мавҷуда чораҳои мушаххас андешида шаванд.

Бо ин мақсад тибқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маърӯзаи навбатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси

миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

Ҳамчунин Маърӯза барои дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон фаъолият менамоянд ва аҳли ҷомеа пешбинӣ шуда, дар матбуоти чопӣ ва электронӣ мавриди нашр қарор мегирад.

# I. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2015

## 1.1. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

Иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ВҲИ) аз замони таъсис то ба имрӯз марҳила ба марҳила таҳким меёбад.

Мақомоти ВҲИ дар нимаи аввали соли 2009 бо теъдоди 17 воҳиди кории хизмати давлатӣ таъсис ёфта, ин шумора то соли 2015 ба 21 воҳиди корӣ (бе дарназардошти ҳайати хизматрасон) расонида шуд. Барои таъмини фаъолияти ВҲИ ва амалӣ намудани ваколатҳои он Дастгоҳи марказии иборат аз 4 шуъба, 2 бахш ва 11 Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ бо 16 корманд таъсис дода шудаанд.

Зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шавад.

Вобаста ба вазифаҳои дар ин Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошташуда Гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд. Гурӯҳи корӣ зимни омӯзиши паҳлуҳои мухталифи ин масъала ва омӯзиши таҷрибаи дигар кишварҳо мувофиқи мақсад шуморидааст, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳамчун муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

Гурӯҳи корӣ бо мақсади муайян ва таъмин намудани вазъи ҳуқуқии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ба Қонуни ҶТ “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва шаш санади меъёрии ҳуқуқии дигар тағйиру иловаҳо пешниҳод намуд, ки он аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, барои ҷонибдорӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон равон карда шудааст.

Мутобиқи моддаи 35 Қонуни ҶТ “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” шуруъ аз моҳи марти соли 2011 дар кишвар таъсиси Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ ба роҳ монда шуд. Дар тули 5 сол бо ибтикори ВҲИ дар ҳамкорӣ бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Хоруғ, Қурғонтеппа, Хуҷанд, Турсунзода, Роғун, Кӯлоб, Исфара, ноҳияҳои Айниву Рашт, Қумсангиру Қубодиён дар маҷмӯъ 11 Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ таъсис дода шуданд. Бо

дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ сол то сол тақвият ёфта, ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд. Таҷрибаи рушди институтсионалии мақомоти ВҲИ ҶТ дар ин самт мавриди таваҷҷуҳи дигар ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар кишварҳои минтақа қарор гирифтааст.

Соли 2015 бо мақсади амалӣ намудани тавсияи Кумитаи СММ оид ба ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо вобаста ба Маърӯзаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, мақомоти ВҲИ дар ҳамкорӣ бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, Вазорати корҳои хориҷии ҶТ ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони вилояти Свердловски Федератсияи Россия дар ин вилоят аз моҳи сентябри соли 2015 тариқи озмоишӣ намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор шурӯъ намуд.

Бо мақсади баланд бардоштани маҳорат ва малакаи касбӣ хизматчиёни давлатии мақомоти ВҲИ ҶТ барои азнавтайёркунӣ, бозомӯзӣ, таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисос ба Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шуда,бо семинару тренингҳо фаро гирифта мешаванд. Аз соли 2011 то имрӯз ҳамасола як нафарӣ хизматчиёни давлатии мақомот аз курсҳои яксолаи магистратураи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта соҳиби дипломи магистр дар соҳаи идоракунии давлатӣ гардиданд. Дар соли 2015 кормандони Дастгоҳи марказӣ ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар 12 тренингҳои омӯзишӣ иштирок намуда, донишу малакаи худро такмил доданд.

Дар мақомоти ВҲИ ба омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ низ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Соли 2015 кормандони мақомот барои омӯзиш ва табодули таҷриба ба кишварҳои ИМА, Финляндия, Молдова, Полша, Қазоқистон ва Қирғизистон сафарҳои хизматӣ доштанд.

Соли 2015 Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2011-2015 ҷамъбаст гардида, Стратегияи нави мақомот барои солҳои 2016-2020 таҳия ва тасдиқ шуд. Дар Стратегияи нав ба самтҳои таҳкими институтсионалии мақомоти ВҲИ, мусоидат ба пешбурди озодӣ аз шиканҷа, дастрасӣ ба иттилоот, ҳуқуқҳои шахсони имконияташон маҳдуд, ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, дастрасӣ ба таҳсил, баробарии гендерӣ ва дигарҳо афзалият дода шудааст.

Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолият дар Дастгоҳи марказӣ шабакаи дохилиидоравии беноқил васл карда шуда, сомона, саҳифаи расмӣ дар фейсбук ва почтаҳои электронии мақомот фаъол мебошанд.

Таъминоти моддӣ-техникии сохторҳои мақомот пайваста беҳтар гардида, кормандони Дастгоҳи марказӣ ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ бо компютер, принтер, сканер, дастгоҳи нусхаафзо, интернет, телефон ва дигар васоили корӣ таъмин мебошанд.

## 1.2. Муроҷиатҳои шаҳрвандон

Соли 2015 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 3474 адад (с.2014 - 3252 адад) муроҷиатҳои шаҳрвандон ба қайд гирифта шуданд, ки аз онҳо 605 адад хаттӣ ва 2869 адад муроҷиатҳои шифоҳӣ мебошанд. Аз ин шумора 526 адад (с.2014 - 542 адад) дар Дастгоҳи марказӣ ва 2948 адади боқимонда (с.2014 - 2710 адад) дар Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ ба қайд гирифта шуданд.

Аз 526 адад муроҷиатҳои шаҳрвандон, ки дар Дастгоҳи марказӣ ба қайд гирифта шуданд, 251 (с. 2014 - 243) адад аризаву шикоятҳои хаттӣ ва 275 (с.2014 - 299) адад муроҷиатҳои шифоҳӣ мебошанд. Дар Дастгоҳи марказии ВҲИ соли 2015 43 адад ё 8,17% (с.2014 - 47 адад ё 8,67%) муроҷиатҳои шаҳрвандон (аз ҷумла 25 муроҷиати хаттӣ ё 9,96% (с.2014 - 32 адад ё 13,16%) ва 18 муроҷиати шифоҳӣ ё 6,54% (с.2014 - 15 адад ё 5%)) мусбат ҳал гардиданд.

Муроҷиатҳои хаттии ба Дастгоҳи марказӣ воридшуда аз:

- шаҳри Душанбе 101 адад ё 40,23% (с.2014 - 109 адад ё 44,85%);
- вилояти Хатлон 35 адад ё 13,94% (с.2014 - 31 адад ё 12,475%);
- вилояти Суғд 43 адад ё 17,13% (с.2014 - 35 адад ё 14,40%);
- шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 40 адад ё 15,93% (с.2014 - 50 адад ё 20,57%);
- Федератсияи Россия 20 адад ё 7,96%;
- Ҷумҳурии Қазоқистон 4 адад ё 1,59%;
- Ҷумҳурии Украина 1 адад ё 0,39%;
- Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон – 2 адад ё 0,79%;
- муассисаҳои пӯшида 3 адад ё 1,19%;
- шаҳрвандони хориҷӣ 2 адад ё 0,79%.

Воридшавии муроҷиатҳо аз ҷониби сокинони минтақаҳои кишвар низ бо каме зиёдшавӣ аз ҷониби сокинони вилоятҳои Хатлон (35) (с.2014 31) ва Суғд (43) (с.2014 - 35) ва камшавии муроҷиатҳо аз ҷониби

сокинони шаҳри Душанбе (101) (с.2014 - 109) ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (40) (с.2014 - 50) ба қайд гирифта шудааст. Мурочиатҳо аз ҷониби мақомоти кишварҳои хориҷӣ нисбат ба соли 2014 (17) дар соли 2015 (27) бештар гардидааст.

Мурочиатҳои хаттӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

- ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 34 адад ё 13,54% (с.2014 - 31 адад ё 12,75%);
- ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда – 9 адад ё 3,58% (с.2014 - 12 адад ё 4,93%);
- ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ – 4 адад ё 1,59% (с.2014 - 4 адад ё 1,64%);
- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 31 адад ё 12,35% (с.2014 - 15 адад ё 6,17);
- ҳуқуқи гурезаҳо – 5 адад ё 1,99% (с. 2014 - 2 адад ё 0,82%);
- ҳуқуқ ба мурочиат – 1 адад ё 0,39% (с.2014 - 14 адад ё 5,76%);
- ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 4 адад ё 1,59% (с.2014 - 4 адад ё 1,64%);
- ҳуқуқ ба озодии виҷдон – 1 адад ё 0,39%;
- ҳуқуқ ба сатҳи арзандаи зиндагӣ – 3 адад ё 1,19%;
- ҳуқуқ ба моликият – 13 адад ё 5,17%(с. 2014 - 22 адад ё 9,05%);
- ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ – 4 адад ё 1,59% (с.2014 - 6 адад ё 2,46%);
- ҳуқуқ ба манзил – 38 адад 15,13% (с. 2014 - 57 адад ё 23,45%);
- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 31 адад ё 12,35% (с.2014 - 12 адад ё 4,93%);
- ҳуқуқ ба саломатӣ – 1 адад ё 0,39% (с.2014 - 4 адад ё 1,64%);
- ҳуқуқи саҳмдорон – 1адад ё 0,39%;
- ҳуқуқ ба меҳнат – 9 адад ё 3,58% (с.2014 - 3 адад ё 1,23%);
- ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ – 2 адад ё 0,79% (с.2014 - 3 адад ё 1,23%);
- ҳуқуқ ба муҳити зисти солим – 1 адад ё 0,39% (с.2014 - 3 адад 1,23%);
- ҳуқуқ ба мерос – 3 адад ё 1,19%;
- ҳуқуқ ба замин – 7 адад ё 2,78% (с.2014 - 7 адад ё 2,88%);
- ҳуқуқ ба муошират – 2 адад ё 0,79%;
- ҳуқуқ ба таҳсил – 1 адад ё 0,39% (с.2014 9 адад ё 3,70%);
- ҳуқуқ ба озодӣ аз зуроварӣ – 1 адад ё 0,39%;
- дигар ҳуқуқҳо (баҳси байни шаҳрвандон, мусоидатнамоӣ ва маслиҳатҳои ҳуқуқӣ) – 45 адад ё 17,92% (с.2014 - 32 адад ё 13,16%).

Нисбат ба соли 2014 дар соли 2015 теъдоди мурочиатҳо дар самти ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (34), ҳуқуқ ба муҳокимаи одилона судӣ (31), ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (31), ҳуқуқ ба меҳнат (9) ва ҳуқуқи гурезагон (5) бештар гардида, баръакс мурочиатҳо дар самти ҳуқуқ ба манзил (38), ҳуқуқ ба моликият (22), ҳуқуқ ба мурочиат (1) ва ҳуқуқ ба таҳсил (1) кам гардидаанд.

Аз 251 адад мурочиатҳои хаттии шаҳрвандон, ки дар Дастгоҳи марказӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд, нисбат ба қарор ё амал (беамалии) субъектони зерин шикоят карда шудааст:

- мақомоти судӣ – 66 адад ё 26,29% (с.2014 - 66 адад ё 27,16);
- мақомоти корҳои дохилӣ – 26 адад ё 10,35% (с.2014 - 22 адад ё 9,05%);
- мақомоти прокуратура – 12 адад ё 4,78% (с.2014 - 9 адад ё 3,70%);
- мақомоти корҳои хориҷӣ – 1 адад ё 0,39%;
- Вазорати мудофиаи ҶТ (Комиссариатҳои ҳарбӣ) – 4 адад ё 1,59% (с.2014 - 14 адад ё 5,76%);
- Вазорати адлияи ҶТ – 11 адад. Аз ҷумла нисбати Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ – 3 адад ва иҷрочиёни суд – 8 адад;
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ (Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ) – 1 адад ё 0,39%;
- Кумитаи давлатии амнияти милии ҶТ – 2 адад ё 0,79% (с.2014 - 5 адад ё 2,05%);
- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ – 3 адад ё 1,19%;
- Агентии назорати маводи нашъаовари ҶТ – 1 адад 0,39%;
- Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати ҶТ ва сохторҳои он – 3 адад ё 1,19%;
- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – 3 адад ё 1,19%;
- мақомоти худидоракунии маҳаллӣ – 2 адад ё 0,79%;
- шахсони мансабдор – 5 адад ё 1,99% (с.2014 - 7 адад ё 2,88%);
- шахсони воқеӣ – 10 адад ё 3,98% (с.2014 - 12 адад ё 4,93%);
- шахсони ҳуқуқӣ – 18 адад ё 7,17% (с.2014 - 10 адад ё 4,11%);
- мақомоти дигар давлатҳо – 5 адад ё 1,99% (с.2014 - 7 адад ё 2,88%);
- мусоидатнамоӣ – 78 адад ё 30,67% (с.2014 - 26 адад ё 10,69%).

Натиҷаи баррасии мурочиатҳо нишон медиҳад, ки чун соли 2014 дар соли 2015 низ шаҳрвандон нисбат ба мақомоти судӣ бештар шикоят намудаанд ва ин шумора (66 адад) тағйир наёфтааст. Нисбат ба мақомоти прокуратура ва мақомоти корҳои дохилӣ мурочиатҳои шаҳрвандон зиёд гардидаанд. Агар дар соли 2014 нисбат ба мақомоти

прокуратура 9 адад ва ба мақомоти корҳои дохилӣ 22 адад муроҷиат шуда бошад, пас дар соли 2015 ин рақамҳо мутаносибан 12 ва 26 ададро ташкил медиҳанд. Муроҷиатҳои шаҳрвандон ба зерсохторҳои Вазорати мудофиа ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соли 2014 кам шудаанд.

Ҳамчунин соли 2015 дар Дастгоҳи марказӣ 275 адад (с.2014 - 299) муроҷиатҳои шифоҳӣ ба қайд гирифта шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муроҷиатҳои шифоҳии шаҳрвандон дар соли 2015 нисбат ба соли 2014 дар самтҳои ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (15), ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ (27) ва ҳуқуқ ба манзил (48) кам ва дар самтҳои ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (22), ҳуқуқ ба меҳнат (10), ҳуқуқ ба моликият (21) ва баҳсҳои оилавӣ (14) бештар гардидаанд.

Дар муроҷиатҳои шифоҳӣ шаҳрвандон нисбат ба мақомоти судӣ (58), прокуратура (13) ва корҳои дохилӣ (18) бештар шикоят кардаанд.

Дар соли 2015 аз тарафи Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ 2948 адад (с.2014 2710 адад) муроҷиатҳои шаҳрвандон қабул ва баррасӣ гардиданд, ки аз онҳо 354 ададро ё 12% (с.2014 - 138 адад ё 5,1%) муроҷиатҳои хаттӣ ва 2594 ададро ё 88% (с.2014 - 2572 адад ё 94,9%) муроҷиатҳои шифоҳӣ ташкил медиҳанд.

Тибқи таснифот муроҷиатҳое, ки аз тарафи Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар соли 2015 баррасӣ шудаанд, ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

- ҳуқуқ ба муроҷиат – 178 адад ё 6,03% (с.2014 - 143 адад ё 5,27%);
- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 98 адад ё 5,03% (с.2014 - 74 адад ё 2,73%);
- ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 38 адад ё 1,28% (с.2014 - 32 адад 1,18%);
- ҳуқуқ ба интихоби маҳали зист – 6 адад ё 0,2% (с.2014 - 3 адад ё 0,11%);
- ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ – 60 адад ё 2,03% (с.2014 - 56 адад 2,6%);
- ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ – 310 адад ё 10,51% (с.2014 - 281 адад 10,36%);
- ҳуқуқ ба мерос – 105 адад ё 3,56% (с. 2014 - 98 адад 3,61%);
- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 207 адад ё 7,02% (с.2014 - 191 адад 7,4%);
- ҳуқуқ ба меҳнат – 116 адад ё 3,93% (с.2014 - 107 адад 3,94%);
- ҳуқуқ ба шароитҳои одилона ва мусоиди меҳнат – 65 адад ё 2,20% (с.2014 - 87 адад 3,21%);
- ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ – 31 адад ё 1,05% (с.2014 - 29 адад ё 1,7%);

– ҳуқуқ ба соҳибкорӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ – 94 адад ё 3,18% (с.2014 - 71 адад 2,61%)
– ҳуқуқ ба моликият – 290 адад ё 9,83% (с.2014 - 152 адад ё 5,6%);
– ҳуқуқ ба манзил – 201 адад ё 6,81% (с.2014 - 177 адад ё 6,53%) ;
– ҳуқуқ ба замин – 388 адад ё 13,16% (с.2014 - 372 адад ё 13,72%);
– ҳуқуқ ба саломатӣ – 7 адад ё 0,23% (с.2014 - 3 адад ё 0,11%);
– ҳуқуқ ба алимент – 340 адад ё 11,53% (с.2014 - 99 адад ё 3,65%);
– ҳуқуқ ба нафақа – 198 адад ё 6,71%;
– ҳуқуқ ба таҳсил – 27 адад ё 0,91% (с.2014 - 18 адад ё 0,66%);
– ҳуқуқи кӯдак – 86 адад ё 2,91% (с.2014 - 82 адад ё 3,2%);
– дигар масъалаҳо – 103 адад ё 3,49% (с.2014 - 268 адад ё 9,88%).

Таҳлили муроҷиатҳои ба Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ воридгардида нишон медиҳад, ки сокинони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ асосан доир ба ҳуқуқ ба замин (388 адад), ҳуқуқ ба алимент (340 адад), ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ (310 адад), ҳуқуқ ба моликият (290 адад), ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (207 адад), ҳуқуқ ба манзил (201 адад), ҳуқуқ ба нафақа (198 адад), ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ (98 адад) ва амсоли инҳо муроҷиат мекунанд.

Ҳамаи аризаву шикоятҳои шаҳрвандон дар мақомоти ВҲИ бо риояи мухлатҳои муқарраршудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» ва талаботи Дастурамали тартиби баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон баррасӣ шудаанд.

### 1.3. Такмили қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон

Бо мақсади мусоидат намудан дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон кормандони мақомоти ВҲИ дар соли 2015 36 адад (с.2014 - 50) лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мавриди омӯзиш қарор дода, хулосаҳо пешниҳод намуданд. Аз ҷумла, барои иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи миллӣ оид ба татбиқи тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон лоиҳаи Қонуни ҶТ "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" омода карда шуд. Ҳамчунин вобаста ба таъсис додани мансаби муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар якҷоягӣ бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои қонунҳои зерини Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуданд: Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани

тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»; Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда»; Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Қонунҳои мазкур аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва барои ҷонибдорӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуданд.

Инчунин дар ин давра ВҲИ ва кормандони Дастгоҳи он дар фаъолияти 30 гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳо вобаста ба самтҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон иштирок намуданд.

Дар ин давра иштироки кормандони ВҲИ дар фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба мониторинги муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида; иҷрои Нақшаи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017; Кумитаи роҳбарикунандаи лоиҳаи шарикии СММ барои пешбурди ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ; Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба ҳуқуқи кӯдак; доир ба масъалаи ҳамроҳ шудани ҶТ ба Конвенсияҳои ТБМ №156 (с.1981) "Дар бораи кормандон бо уҳдадориҳои оилавӣ" №183 (с.2000) "Дар бораи ҳимояи модарӣ"; оид ба таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандони хориҷӣ ҷиҳати таъид намудани маълумотномаи тасдиққунандаи вазъи муҷаррадӣ барои бастани ақди никоҳ бо шаҳрвандони ҶТ; оид ба барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак; оид ба адлияи ноболиғони назди Комиссияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак; оид ба таҳияи Низомнома дар бораи механизми татбиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"; оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020; оид ба татбиқи Нақшаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи тавсияҳои давлатҳои аъзои Шурои СММ оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба Шарҳи универсалии даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2015 самаранок буд.

Онҳо дар таҳияи «Стратегияи навбатии миллии рушд барои солҳои 2016-2030» ва Консепсияи ёрии ҳуқуқии ройгон; таъсиси мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак; Маърӯзаи миллии ҶТ оид ба татбиқи Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак ва дигарҳо саҳм гузоштанд.

## 1.4. Баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2015 аз воситаҳои гуногун, аз қабили вохӯрию мулоқот бо аҳолӣ, конфронсу семинар ва мизҳои мудаввар бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО, инчунин баромадҳо дар телевизион ва радио, нашри мақолаҳо дар матбуоти даврӣ ва чопи китобу брошура ва дигарҳо васеъ истифода намудааст.

Соли сеюм аст, ки баромадҳои кормандони мақомоти ВҲИ ва коршиносони соҳа дар Радиои «Тоҷикистон», Радиои «Садои Душанбе» ва МД ТВ «Ҷаҳоннамо» тавассути нақшаҳои мувофиқашуда, ба роҳ монда шуда истодаанд.

Дар соли 2015 кормандони Дастгоҳи марказӣ (190) ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ (58), дар маҷмӯъ 248 (с.2014 - 203) маротиба тариқи воситаҳои ахбори омма баромад карданд, ки нисбат ба соли 2014 (203) бештар мебошад *(ниг.: ба диаграмма)*.




Дар мақомоти ВҲИ ба иттилоотонии аҳолӣ тавассути нишастҳои матбуотӣ низ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Барои таъмини дастрасии бештар ба фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мунтазам нишастҳои матбуотӣ баргузор карда мешавад. Дар давраи сипаришуда дар маҷмӯъ 3 маротиба чунин нишастҳо гузаронида шуданд. Аз натиҷаи

нишастҳои матбуотии ВҲИ оид ба фаъолияти мақомот дар телевизион ва радио иттилоъ пахш гардида, дар матбуоти даврӣ ва электронӣ хабару мақолаҳо ба нашр расиданд.

Масалан, чунин як нишаст рӯзи 28 майи соли 2015 оид ба муаррифии Маърӯзаи ВҲИ ҶТ барои соли 2014 ташкил ва гузаронида шуд, ки дар он намояндагони мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд.

Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2014 дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба мақомоти дахлдори давлатӣ ирсол карда шуд. Маърӯза дар сомонаи ВҲИ ҷой дода шуда, он ба забонҳои русӣ ва англисӣ тарҷума ва бо дастгирии молиявии САҲА бо теъдоди 300 нусха ба нашр расид.

Дар соли 2015 бо ибтикори мақомоти ВҲИ 28 (с.2014 - 14) семинару конференсия ва мизҳои мудаввар гузаронида шуда, иштироки кормандони ВҲИ дар 99 (с.2014 - 113) чорабиниҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъмин карда шуд. Аз натиҷаи семинару вохӯриҳо ва дигар чорабиниҳои мақомоти ВҲИ дар сомонаи ВҲИ, саҳифаи ВҲИ ҶТ дар шабакаи иҷтимоии «Facebook», сомонаи АМИТ "Ховар" ва дигар ВАО хабару гузоришҳо ҷой дода шуданд.

Дар ин давра 4 шумораи маҷаллаи «Ахбори ВҲИ ҶТ» бо теъдоди 1000 нусха бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия ва нашр шудаанд.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба татбиқи "Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон барои солҳои 2009-2019" як қатор чорабиниҳоро амалӣ намудааст. Дар доираи амалисозии барномаи мазкур ВҲИ дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе санаи 28-уми майи соли 2015 дар мавзӯи «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он» семинари омӯзишӣ баргузор намуд. Дар кори семинари омӯзишӣ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Фирдавсӣ, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ноҳия, кормандони масъули Дастгоҳи Раиси ноҳия, раисони маҳаллаҳо, омӯзгорон ва намояндагони ВАО иштирок намуданд.

Дар давраи сипаришуда дар шаҳрҳои Кӯлоб, Роғун, Исфара ва ноҳияҳои Қубодиён, Қумсангир ва Айнӣ семинарҳои омӯзишӣ оид ба вазъи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар кишвар баргузор гардиданд, ки дар онҳо кормандони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, сохторҳои ҷомеаи

шаҳрвандӣ ва ВАО иштирок намуданд. Дар доираи чорабиниҳои зикршуда аз ҷониби ВҲИ қабули шаҳрвандон доир карда шуд.

Дар соли 2015 кормандони Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар 122 мизҳои мудаввар ва семинарҳо иштирок ва суханронӣ намуда, оид ба паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва нақши мақомот дар пешбурд, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон иттилоъ доданд.

Ҷиҳати тақвият додани фаъолият дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва пешгирӣ аз амалҳои ифротгароиву тафриқаандозии динию мазҳабӣ ва шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ дастури ВҲИ ҶТ ба Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ ирсол карда шуда, ҷиҳати иҷрои он роҳбарони Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои зикршударо баррасӣ намуданд.

Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар соли 2015 бо мақсади мусоидат ҷиҳати дастрасии бештари сокинони минтақаҳои дурдаст ва қишри осебпазири ҷомеа ба ҳуқуқҳои худ 254 машваратҳои ҳуқуқии сайёр гузарониданд, ки дар онҳо 8890 нафар иштирок намуданд. Дар ин машваратҳо кормандони Дастгоҳи марказӣ, Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ ва аъзоёни Шӯроҳои ҷамъиятии назди Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар ҳамкорӣ бо намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ба шаҳрвандон ёрии ҳуқуқии ройгон расониданд.

Инчунин кормандони Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ ва аъзоёни Шӯрои ҷамъиятии он дар ВАО-и маҳаллӣ 58 мусоҳиба доир намуда, мақолаҳо ба чоп расониданд.

Ҳамзамон, аз ҷониби мақомоти ВҲИ ба муносибати ҷашнҳои Артиши миллӣ, Наврӯзи байналмилалӣ, Соли оила, Ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатии ҶТ, Рӯзи забони давлатӣ, Рӯзи Парчами давлатӣ ва Рӯзи ҳуқуқи инсон мизҳои мудаввар ташкил ва гузаронида шуданд.

Дар робита бо таҷлили Рӯзи ҳуқуқи инсон, ки соли 2015 зери шиори “Ҳуқуқҳои мо. Озодиҳои мо. Доимо” доир гардид, ВҲИ як қатор чорабиниҳоро баргузор намуд. Аз ҷумла, санаи 7-уми декабр дар мақомоти ВҲИ бо иштироки намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, намояндагони корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО мизи мудаввар баргузор гардид. Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ низ дар маҳалҳо дар ин робита чорабиниҳои гуногунро аз қабили вохӯриҳо бо аҳолӣ, семинар ва мизҳои мудаввар бо кормандони мақомоти давлатӣ ва устодону донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ доир намуданд.

## Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020

Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2012 №678 тасдиқ гардидааст, фарогири таълими соҳаи ҳуқуқи инсон дар низоми маориф, курсҳои омӯзишӣ ва бозомӯзии муаллимон, судяҳо, хизматчиёни шаҳрвандӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбии ҳамаи сатҳҳо мебошад.

Татбиқи Барнома се марҳила: марҳилаи якум солҳои 2013-2014, марҳилаи дуюм солҳои 2015-2018 ва марҳилаи сеюм солҳои 2019-2020-ро дар бар мегирад.

Зимни татбиқи марҳилаи якуми Барнома дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ аз намояндагони сохторҳои таълимии вазоратҳо, идораҳо ва муассисаҳои олии таълимӣ ва дигар ташкилотҳо таъсис дода шудааст, ки дар назди он вобаста ба самтҳои асосии иҷрои Барнома шаш гурӯҳи корӣ амал менамоянд.

Аз ҷониби гурӯҳҳои кории назди Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ 17 барномаҳои мақсаднок таҳия гардиданд. Ин барномаҳо барои дар муассисаҳои таҳсилотӣ ҷорӣ намудани фанни «Ҳуқуқи инсон» ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар идораҳои дахлдор ирсол гардиданд.

Барномаҳои таълимии мазкур дар баъзе вазорату идораҳо мавриди татбиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ ва Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа, Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура, Академияи Вазорати корҳои дохилӣ, Маркази таълимии судяҳои назди Шӯрои адлия, Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлия, Муассисаи давлатии такмили ихтисоси Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ омӯзиши фанни “Ҳуқуқи инсон” ва курсҳои кӯтоҳмуддат оид ба ҳуқуқи инсон ба роҳ монда шудаанд.

Рӯзи 31 марти соли 2015 бо ташаббуси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифии иҷрои марҳилаи якуми татбиқи Барнома (2013-2014) ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои марҳилаи дуюми Барнома (2015-2018) баргузор гардид.

Аз ҷониби Шӯрои ҳамоҳангсоз бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани таълим аз фанни «Ҳуқуқи инсон» барои донишҷӯёни ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, донишҷӯёни ихтисосҳои ғайриҳуқуқшиносӣ ва

хонандагони синфҳои 10-11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ роҳнамоҳо таҳия ва маҷмуаи санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон омода шудаанд.

Дар доираи амалисозии марҳилаи дуюми татбиқи Барнома тайёр кардани омӯзгорони (тренерон) таълими ҳуқуқи инсон ва дар ин самт кушодани саҳифаи алоҳида дар сомонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар нақша аст. Ҳамзамон татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба роҳ мондани курсҳои доимии такмили ихтисосро барои муаллимони фанҳои "Ҳуқуқи инсон" ва "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он тақозо менамояд.

### 1.5. Ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба ҳамкориҳои судманд бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, муассисаҳои илмӣ-таълимӣ ва ВАО аҳамияти хоса медиҳад.

Ҳамкориҳо дар доираи салоҳияту ваколатҳои тарафҳо, баррасии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалӣ намудани нақшаҳои якҷояи дорои хусусияти барномавӣ ва стратегидошта, гурӯҳҳои корӣ оид ба самтҳои ҳуқуқи инсон ва баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон ба роҳ монда мешаванд.

Дар ин робита, хусусан бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди олии иқтисодӣ, Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазоратҳои адлия, корҳои хориҷӣ, корҳои дохилӣ, мудофиа, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Шӯрои адлия, Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва дигарон ҳамкориҳои мутақобилан судманд ба роҳ монда шудааст.

Дар соли 2015 ҳамкориҳои мақомот бо шарикони хориҷӣ, аз ҷумла Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ФР ва Ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Ҷумҳурии Тотористон ва вилоятҳои Свердловск, Оренбург, Самара, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Ҷумҳурии Қазоқистон, Омбудсмени Ҷумҳурии Қирғизистон, омбудсменҳои Полша, Финляндия, Норвегия ва дигарҳо идома дода шуд.

Ҳамчунин метавон аз ҳамкориҳои судманди мақомот бо созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба монанди Барномаи Рушди СММ, Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Ташкилоти Байналмилалии Муҳоҷират, Хазинаи нуфуси СММ, СММ-Занон, Хазинаи кӯдакони СММ, САҲА, Иттиҳоди Аврупо, Агентии Швейтсарии ҳамкорӣ ва рушд, Ниҳоди Даниягӣ оид ба ҳуқуқи инсон, «ҲЕЛВЕТАС», "Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният", "Марказ оид ба ҳуқуқи инсон", "Нота-Бене" ва дигарон ёдовар шуд.

Дар доираи ҳамкориҳои ВҲИ бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, Вазорати корҳои хориҷии ҶТ, Агентии Швейтсарӣ оид ба ҳамкорӣ ва рушд, "Марказ оид ба ҳуқуқи инсон" ва мақомоти дахлдори Федератсияи Россия моҳи сентябри соли 2015 тариқи пилотӣ намояндаи ВҲИ дар вилояти Свердловски ФР таъсис дода шуд.

Дар соли 2015 Барномаи Рушди СММ ҳамкориро бо ВҲИ идома дода, маблағгузории фаъолияти 4 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ ва кӯмаки экспертиро барои таҳияи Стратегияи фаъолияти мақомот барои солҳои 2016-2020 амалӣ намуд. Дар доираи ин ҳамкорӣ сафари омӯзишии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳайати ҳамроҳонаш аз мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба Финляндия ташкил карда шуд.

Бо дастгирии Ниҳоди Даниягӣ оид ба ҳуқуқи инсон 16 шумораи маҷаллаи «Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон» ба табъ расида, баромадҳои кормандони мақомоти ВҲИ ва коршиносони соҳа дар барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ идома ёфтанд. Ҳамчунин бо маблағгузории Ниҳоди мазкур фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар 2 минтақаи ҷумҳурӣ (шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои Айнӣ) то нимсолаи дуюми соли 2015 ва бо маблағгузории "ҲЕЛВЕТАС" фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри Турсунзода ва ноҳия Рашт идома дода шуданд.

### 1.6. Таъминоти молиявии фаъолияти мақомоти ВҲИ ҶТ

Дар соли 2015 дар буҷети давлатӣ барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1 187 541,00 сомонӣ ҷудо шуда буд. Аз ин ҳисоб барои Дастгоҳи марказии ВҲИ ба маблағи 1 114 159,00 сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Қурғонтеппа ва Хоруғ ба маблағи умумии 73 382,00 сомонӣ пешбинӣ гардида буд, ки мақсаднок истифода карда шуданд.

Инчунин дар соли 2015 аз ҳисоби маблағҳои грантӣ барои таъмини фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Айнӣ аз ҳисоби Ниҳоди Даниягӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба маблағи 88 372

сомонӣ, барои таъмини фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рашт аз ҳисоби Ҳелветас Свисс Интеркооперейшн ба маблағи 56 960 сомонӣ, барои таъмини фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳрҳои Исфара, Роғун, ноҳияҳои Қубодиён ва Қумсангир аз ҳисоби Барномаи рушди СММ ба маблағи 135 815 сомонӣ ва барои тарғибу ташвиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз ҳисоби Ниҳоди Даниягӣ 56 326,00 сомонӣ сарф гардидааст.

Дар маҷмуъ, дар соли 2015 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 337 473 сомонӣ маблағҳои грантӣ ҷалб гардидааст, ки 28% хароҷоти умумии мақомотро ташкил медиҳад.

# II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунанда муқаррароти муҳимро оид ба манъи шиканҷа пешбинӣ намудаанд. Тибқи Конститутсия «Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад».

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иштирокчии шартномаҳои универсалии соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф таъмини кафолати озодӣ аз шиканҷаро ба уҳда гирифтааст.

Моҳи феврали соли 2015 аз қабули Конвенсияи мазкур аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 сол пур шуд. Дар ин муддат дар ҷумҳурӣ барои пешгирӣ намудани шиканҷа, ҳалли мушкилоти вобаста ба истифодаи шиканҷа дар сатҳи қонунгузорӣ ва амалия тадбирҳои муҳим андешида шуданд.

Ҷаҳду талоши пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои давлатӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди шиканҷа боиси қаноатмандии сохторҳои дахлдори СММ, бахусус Маърӯзачии махсус оид ба масъалаҳои шиканҷаи СММ гардид.

Аз давраи ба Кодекси ҷиноятии ҶТ илова намудани моддаи алоҳида оид ба ҷинояти «шиканҷа» чор нафар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо моддаи 143[1] КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд.

Дар ҷумҳурӣ таҷрибаи ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ ба ҷабрдидагони шиканҷа низ ба роҳ монда шудааст. Айни ҳол аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ панҷ қарор дар бораи ҷуброни зарар ба ҷабрдидагони шиканҷа қабул шудааст. Аз ҷумла, соли 2015 ба ҷабрдидагони шиканҷа Ш.М., Х.Қ. ва волидайни Н.Ҳ., ки ҳангоми дар ҳабс нигоҳ доштан ба ҳалокат расида буд, дар асоси қарорҳои суд маблағҳои гуногуни ҷуброни зарар таъин карда шуд.

Новобаста ба чораҳои андешидашаванда баъзан дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳодисаҳои лату куб ва муносибати номатлуб нисбати шахсони дастгиршуда вомехӯранд.

Масъалаи вобаста ба тафтиши ҳамаҷонибаи ҳолатҳои ҷойдоштаи шиканҷа, аз ҷумла ҳодисаҳои зикргардида моҳи июни соли 2015 зимни муколамаи Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон ва моҳи сентябри соли 2015 дар Ҷаласаи оид ба ченакҳои инсонии САҲА ба миён гузошта шуд.

Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф талаб менамояд, ки давлати узв бояд мутобиқи қонунгузории ҷиноятии худ шиканҷаро ҳамчун ҷиноят арзёбӣ карда, барои он ҷазои муносиб муқаррар кунад, ҳар як ҳолати эҳтимолии истифодаи шиканҷаро зуд ва беғараз баррасӣ намояд.

Ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқҳои шаҳрвандон, истифодаи шиканҷа ва дигар усулҳои ғайриқонунӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби Прокуратураи генералӣ мавриди таҳлил ва ҷамъбаст қарор дода мешавад.

Соли 2015 ба Прокуратураи генералӣ 21 муроҷиатҳои шаҳрвандон оид ба истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона ворид шуда, танҳо дар як ҳолат тасдиқи худро ёфтааст.

Дар маҷмӯъ соли 2015 аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ 3 парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи $143^1$ КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ва мавриди тафтиш қарор дода шудааст.

Аз ин шумора, 1 парвандаи ҷиноятӣ нисбати ваколатдори калони шуъбаи кофтукови ҷиноятии ШВКД дар шаҳри Роғун О.Э. бо моддаҳои $143^1$ ва қисми 1 моддаи 358 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид, ки ӯ шаҳрванд Ш.О.-ро бе тартиб додани протоколи дастгиркунӣ дар яке аз ҳуҷраҳои хизматии ШВКД дар шаҳри Роғун нигоҳ дошта, бо мақсади кушодани ҷинояти дуздӣ бо роҳи лату кӯб, расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва бо истифода аз воситаҳои махсус маҷбур мекунад, ки содир намудани ин ҷиноятро ба зимма гирад. Дар натиҷа, бо ҳукми суди шаҳри Роғун аз 23 ноябри соли 2015 ба О.Э. ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 3 солу 6 моҳ бо адои ҷазо дар колонияи ислоҳии низоми умумӣ бо махрум кардани аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳо дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба муҳлати 2 солу 6 моҳ таъин карда шуд.

Парвандаи ҷиноятии дигар бо моддаи $143^1$ КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳодисаи вафоти З.Ш. дар Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуда буд. Дар рафти тафтишот ва гузаронидани экспертизаҳои судӣ-тиббӣ, аз ҷумла экспертизаи судӣ-тиббии маҷмӯӣ муайян карда шуд, ки марги З.Ш. дар натиҷаи беморӣ фаро расида, ҳодисаи шиканҷа мавҷуд нест. Бинобар ин, парвандаи ҷиноятии мазкур 27 ноябри соли 2015 бинобар мавҷуд набудани ҳодисаи

ҷиноят дар асоси моддаи 27 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ карда шудааст.

Парвандаи дигари ҷиноятӣ бо моддаи 143[1] КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати нозири минтақавии шуъбаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ШВКД дар шаҳри Панҷакент, лейтенанти калон Х.Т. ва ваколатдори оперативии шуъбаи мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддири ҳамин ШВКД, лейтенанти калон Р.М. оғоз карда шудааст. Минбаъд дар рафти тафтишот парвандаи мазкур бо моддаҳои 314 қисми 1, 316 қисми 3 бандҳои «а, в» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст ва ба суд ирсол карда шудааст. Айни ҳол баррасии парвандаи мазкур дар суд идома дорад.

Соли 2015 ба мақомоти ВҲИ оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа 5 муроҷиат ворид гардидааст. Муроҷиаткунандагон асосан аз амалҳои кормандони мақомоти таҳқиқ шикоят намудаанд, ки гӯё наздикони онҳоро ғайриқонунӣ дастгир карда, нисбаташон зӯроварӣ ва дигар воситаҳои ғайриқонуниро истифода бурда бошанд. Масалан, шаҳрванд Н.М. иброз намудааст, ки нишондодҳои худикрории писараш С.Ф., ки собиқ корманди ШВКД-и яке аз ноҳияҳои вилояти Суғд буда, бо гумони содир намудани ҷиноятҳои бо якчанд моддаҳои КҶ ҶТ пешбинишуда дастгир шудааст, зери таҳдиду фишори кормандони Раёсати агентии давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар вилояти Суғд ба даст оварда шудаанд.

Ин ва дигар шикоятҳои дар самти мазкур воридгардида ҷиҳати санҷиши ваҷҳҳои муроҷиаткунандагон ба Прокуратураи генералӣ ирсол карда шуданд. Дар натиҷаи санҷишҳои прокурорӣ ваҷҳҳои дар муроҷиатҳо пешниҳодшуда тасдиқи худро наёфтанд.

Тибқи маълумоти Эътилофи зидди шиканҷа аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ – аъзоёни ин Эътилоф 42 муроҷиат оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа ба қайд гирифта шудааст.

Дар амалия ҳолатҳои фавти шаҳрвандон баъди дастгир шудани онҳо ҷой доранд. Шаҳрванд Б.У. 29 сентябри соли 2015 аз ҷониби кормандони ШВКД дар шаҳри Ваҳдат дастгир ва ба шуъбаи мазкур оварда шуд. Баъди муддате худи ҳамон рӯз ӯро бо ҷароҳатҳои вазнин ба шуъбаи эҳёгарии беморхонаи шаҳр оварданд, ки дар он ҷо ӯ 4 сентябр ба ҳуш наомада, фавтид. Вобаста ба ҳодисаи мазкур дар асоси қ. 1 моддаи 110 КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардид. Минбаъд бинобар ба ҳалокат расидани Б.У. парванда мутобиқи қисми 3 моддаи 110 КҶ ҶТ (қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки боиси фавт гардидааст) банду баст карда шуд. Тафтишот айни ҳол идома дорад. ВҲИ тафтишоти ҳодисаи мазкурро пайгирӣ менамояд.

Яке аз мушкилиҳои дар самти пешгирии шиканҷа ҷойдошта ин дар қонун муайян нагардидани лаҳзаи воқеии дастгиршавӣ мебошад, ки дар ин бора ВҲИ дар маърӯзаҳои қаблии худ низ қайд карда буд. Гарчанде ин масъала дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2012 «Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа», Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ» муайян шуда бошад ҳам, дар амалия маҳз дар ҳамин лаҳза дастрасии шахсони дастгиршуда ба воситаҳои ҳимояи ҳуқуқ мушкил мегардад.

Яке аз кафолатҳои муҳими пешгирӣ намудани ҳодисаҳои шиканҷа ташхиси тиббии босифат ва саривақтии ҷабрдидагони шиканҷа мебошад.

Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар фаъолияти коршиносони тиббӣ-судӣ ва дигар кормандони соҳаи тиб, ки бо муоина ва ташхиси шахсони дастгиршуда сару кор доранд, ҷиҳати ҷорӣ намудани меъёрҳои Роҳнамои Созмони Милали Муттаҳид (СММ) оид ба тафтиши самаранок ва ҳуҷҷаткунонии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф (Протоколи Стамбулӣ) аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ дар якҷоягӣ бо сохторҳои дахлдори давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаанд.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бланкаҳои муоинаи шахсони дастгиршуда ва ҳуҷҷаткунонии шиканҷаро тасдиқ намуд, ки он ба талаботи меъёрҳои Протоколи Стамбулӣ мутобиқ карда шудааст. Аз моҳи марти соли 2015 истифодаи он дар муассисаҳои тиббӣ ба роҳ монда шуд.

Барои мутахассисони соҳаи тиб ва дигар кормандоне, ки ба ташхис ва азназаргузаронии шахсони дастгиршуда сару кор доранд, ҷиҳати омӯзонидани талаботи Протоколи Стамбулӣ семинарҳои омӯзишӣ гузаронида мешаванд. Намояндагони гурӯҳи мониторингии назди ВҲИ низ дар ин семинарҳо иштирок доштанд.

Ташкилотҳои ҷамъиятие, ки бо ҳимояи ҳуқуқи ҷабрдидагони шиканҷа машғуланд, дар масъалаи аз ҷониби суд баҳодиҳии далелҳои дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯрӣ ва дигар воситаҳои ғайриқонунӣ ба даст овардашуда изҳори ташвиш менамоянд. Чунин ҳолатҳо зимни мурофиаи судӣ оид ба интихоби чораи пешгирӣ низ вомехӯранд.

Баъди ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардани дастгиршуда дар давоми се соат бояд протоколи дастгиркунӣ тартиб дода шавад. Аммо дар таҷриба баъзан ин талабот аз ҷониби масъулон риоя карда

намешавад ва боиси вайрон шудани талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳуқуқҳои дастгиршудагон мегардад. Масалан, ин ҳолат аз ҷониби сардори шуъбачаи 1-уми ШКҶ РВКД дар шаҳри Душанбе, майори милитсия Ш.Ф. роҳ дода шудааст. Ӯ 12 январи соли 2015 соати 20:00 шаҳрванд Н.Д.-ро барои содир намудани ҷинояти қаллобӣ дастгир ва ба ШКҶ оварда, то соати 16:00-и 14 январи соли 2015 бе тартиб додани протоколи дастгиркунӣ дар ҳуҷраи кориаш нигоҳ дошта, баъди ин нисбати ӯ протоколи дастгиркунӣ тартиб дода, ба Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатӣ фиристодааст. Нисбати Ш.Ф. барои роҳ додан ба ин қонуншиканӣ аз ҷониби Прокуратураи генералӣ истеҳсолоти интизомӣ оғоз карда шудааст.

Моддаи 94 КМҶ ҶТ талаб менамояд, ки дар вақти тартиб додани протокол дар бораи дастгиркунӣ ҳамзамон ба шахси дастгиршуда бояд ҳуқуқҳои ӯ фаҳмонида шуда, дар протоколи дастгиркунӣ дар ин бора қайд карда шавад. Дар банди 12 «Дастурамали дастгиркунӣ», ки барои иҷро аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва маъмурияти ҷойҳои нигоҳдории дастгиршудагон ҳатмӣ мебошад, зикр карда шудааст, ки баъди ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардани шахси дастгиршуда бетаъхир Санад дар бораи фаҳмонидани ҳуқуқҳои дастгиршуда бо ҳатман пур кардани бандҳои он тартиб дода мешавад. Як қисми Санад ба протокол ҳамроҳ карда шуда, қисми дигари он ба шахси дастгиршуда бо имзои ӯ супорида мешавад. Аммо адвокатҳо баъзан иброз менамоянд, ки ҳангоми омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ дар қабати маводҳо онҳо ин санадро пайдо намекунанд.

Ҷуброни кофии зарар ба ҷабрдидагони шиканҷа ва тавонбахшии онҳо ҷузъи муҳими ҳифзи ҷабрдидагони шиканҷа мебошад. Гарчанде дар ҷумҳурӣ таҷрибаи ҷуброни зарар ба роҳ монда шуда бошад ҳам, вале андозаи ҷуброни зарари таъиншуда ба андешаи ҳимоятгарони ҳуқуқи инсон кофӣ нест. Кумитаи зидди шиканҷаи СММ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия додааст, ки «…ба ҷабрдидагони шиканҷа бояд ҷуброни кофӣ ва тавонбахшӣ пурра пешниҳод карда шавад…».

Дар ҷумҳурӣ доир ба масъалаи ба кормандони макомоти ҳифзи ҳуқуқ омӯзонидани талаботи санадҳои байналмилалӣ ва миллии пешгирии шиканҷа таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Аз ҷониби Прокуратураи генералӣ дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо прокуророн, ёрдамчиёни онҳо ва муфаттишон аз рӯи Дастури илмӣ-методии «Заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти прокуратура оид ба пешгирӣ, ошкор ва таҳқиқу тафтиши шиканҷа» семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи фаъолияти худ ҷиҳати мусоидат дар пешгирӣ намудани шиканҷа бо Вазорати корҳои дохилӣ ҳамкориҳои хубро ба роҳ мондааст. Ҷиҳати мусоидат дар риояи қатъии ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳангоми дастгиршавӣ намояндагони Дастгоҳи Ваколатдор дар соли 2015 ба шуъбаҳои корҳои дохилии ноҳияҳои Сино, И.Сомонӣ, Фирдавсӣ ва Шоҳмансури шаҳри Душанбе ташриф оварданд. Зимни ташриф ба кормандони мақомоти милитсия дар бораи стандартҳои муносибат бо шахсони дастгиршуда, талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт фаҳмонида шуда, ҳамчунин дар бораи зарурати бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта ва баланд бардоштани касбияти кормандони мақомоти милитсия оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон тавсияҳо дода шуданд. Ваколатдор дар соли 2016 гузаронидани чорабиниҳои омӯзиширо дар дигар шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба нақша гирифтааст.

Ҷиҳати пешгирии вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои шахсони ҷиноятсодиркарда, ки дар муассисаҳо ҳукми судро интизоранд, мониторингҳои доимӣ гузаронида мешаванд. Соли 2015 ВҲИ дар доираи фаъолияти гурӯҳи мониторингии назди ВҲИ бо мақсади таҳлили вазъи риояи ҳуқуқи шахсони дар ҳабсбуда дар 7 Тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатӣ ва 3 Тавқифгоҳҳои тафтишотӣ, аз ҷумла дар шаҳрҳои Душанбе, Истаравшан, Кулоб, Хоруғ, Хуҷанд, Конибодом, Турсунзода, Қурғонтеппа ва ноҳияи Вахш мониторинг гузаронид.

Соли 2015 ба мақомоти ВҲИ 36 муроҷиати ҳаттӣ ва 10 муроҷиати шифоҳӣ нисбати фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ворид гардидааст. Муроҷиаткунандагон асосан аз беэътиноии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбати муроҷиатҳои онҳо, кашолакорӣ зимни тафтишоти парванда, норозигӣ бо парвандаҳои оғозшуда ва рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ, хунукназарии нозирони минтақавӣ нисбати иҷрои вазифаҳои хизматии худ шикоят карданд.

Гарчанде баррасии муроҷиатҳои мазкур, санҷишҳои гузаронидашуда баъзан беасос будани ин шикоятҳоро нишон диҳанд ҳам, вале ҳолатҳое низ ҳастанд, ки аз беэътиноии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дарак медиҳанд. Масалан, шаҳрванд Қ.А. ба ВҲИ нисбати рафтори хунукназаронаи кормандони милитсияи ШВКД ноҳияи Синои шаҳри Душанбе шикоят намудааст, зеро онҳо ба муроҷиати ӯ оид ба ҳодисаи дуздии молҳои дар дохили мошини шахсӣ будааш ягон чора наандешидаанд. Бо мусоидати Ваколатдор аз ҷониби Вазорати корҳои дохилӣ (ВКД) ба ҷойи ҳодиса гурӯҳи фаврӣ-ҷустуҷӯӣ фиристода шуда, чораҳои дахлдор андешида шуданд.

Тибқи маълумоти ВКД соли 2015 878 арзу шикоятҳои шаҳрвандон ба мақомоти корҳои дохилӣ ворид гардида, вобаста ба онҳо санҷишҳои хизматӣ гузаронида шудааст. Аз ҷумла, барои вайрон кардани талаботи Фармони Вазири корҳои дохилии ҶТ аз 1 январи соли 2006 №1 «Дар бораи хушмуомилагӣ ва муносибати бодиққати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматчиёни ҳарбии Қушунҳои дохилӣ» 103 ҳолати вайронкунии интизоми хизматӣ ошкор шуда, нисбати вайронкунандагон чораҳои дахлдор андешида шуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар самти ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– ба КМҶ ҶТ ворид намудани тағйиру иловаҳо вобаста ба тақвияти кафолатҳои ҳуқуқи инсон зимни дастгиркунӣ ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ;***

***– таъмини тафтиши фаврӣ ва бегаразонаи ҳолатҳои истифодаи шиканҷа дар сурати мавҷуд будани далелҳои кофӣ;***

***– баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба талаботҳо стандартҳои озодӣ аз шиканҷа;***

***– ба тасвиб расонидани Протоколи иловагии Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф.***

### 2.2. Ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма

Ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида ба ҳар шахс, қатъи назар аз тобеияти шаҳрвандӣ, мансубияти динӣ ва миллию вазъи иҷтимоӣ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад.

Дар ҷумҳурӣ барои ҷустуҷӯ, дастрас ва паҳн намудани дилхоҳ иттилоот, ба истиснои иттилооти дастрасиаш маҳдуд, тамоми шароит ва заминаҳои ҳуқуқӣ муҳайё карда шудаанд.

Аз таҳлили бақайдгирии рӯзномаву маҷаллаҳо дар ду соли охир бармеояд, ки новобаста аз бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва вазъи молиявии идораҳои рӯзномаву маҷаллаҳо, шумораи рӯзномаву маҷаллаҳои бақайдгирифта, аз ҷумла рӯзномаву маҷаллаҳои ғайридавлатӣ афзоиш ёфтааст. Тибқи иттилои Вазорати фарҳанг то 1 январи соли 2016 шумораи умумии рӯзномаҳо – 363 адад (с.2014 - 339 адад) аз ҷумла, давлатӣ – 106 адад (с.2014 - 126 адад), ғайридавлатӣ – 257 (с.2014 - 213 адад), маҷаллаҳо – 236 адад (с.2014 - 214 адад), давлатӣ – 109 (с. 2014 - 97 адад), ғайридавлатӣ – 127 (с. 2014 - 117 адад), оҷонсиҳои иттилоотӣ – 11

адад, аз ҷумла давлатӣ – 1 адад, ғайридавлатӣ – 10 ададро ташкил медиҳанд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2015 мусоидат ба риояи ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва васоити ахбори омма буд. Таҳлили вазъ дар ин самт нишон медиҳад, ки дар соли сипаришуда низ чун солҳои пешин мушкилиҳо ҷой доштанд ва ин пеш аз ҳама бештар ба риоя нашудани муҳлати пешниҳоди иттилоот, пешниҳод намудани иттилооти нопурра, ҳолатҳои беасос рад намудани пешниҳоди маълумот аз ҷониби баъзе мақомоту идораҳо, набудани маълумот ва умуман иттилооти дастрас дар баъзе аз сомонаҳои мақомоти давлатӣ ва судҳои ҷумҳурӣ дар бораи фаъолияти онҳо вобаста мебошанд.

Аз таҳлили ВАО бармеояд, ки то ҳол аз ҷониби баъзе мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор вобаста ба иҷрои фармони Президенти ҶТ «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма» беаҳамиятӣ зоҳир карда мешавад ва бо сабабҳои номаълум дар баъзе мавридҳо пешниҳод намудани иттилоотро рад ё барои пешниҳоди иттилоот гирифтани иҷозати мақомоти болоиро талаб менамоянд.

Масалан, муроҷиатҳои чандинкаратаи нашрияи «Нигоҳ» дар масъалаи дархости журналистӣ доир ба фаъолияти ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» ва ҶСК «Тоҷик Эйр» аз қабили гуфтаҳои болоанд.

Ғайр аз ин, кам будани иттилооти расмӣ аз рафти мурофиаҳои судӣ, ки боиси афкори манфии ҷомеа мешаванд, ба чашм мерасад. Хуб мешуд, ки ҳам мақомоти судӣ ва ҳам мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар чунин ҳолатҳо бештар маълумот диҳанд, то ки ҳар гуна овозаҳои беасос дар ҷомеа камтар шаванд.

Натиҷаи таҳлилҳои аз ҷониби ВҲИ гузаронидашуда ва маълумоте, ки аз Шӯрои ВАО дастрас гардид, нишон медиҳад, ки баъзе воситаҳои ахбори омма ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти касбии худ то ҳол ба камбудиҳо, аз қабили паст задани шаъну шараф ва ба назар нагирифтани меъёрҳои ахлоқӣ роҳ медиҳанд, ки минбаъд барои ба вуҷуд омадани баҳсҳои судӣ асос мешаванд.

Соли 2015 дар судҳои ҷумҳурӣ 9 парвандаи судӣ нисбати ВАО ва хабарнигорон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Даъвоҳои судӣ нисбати нашрияҳои «Самак», «Пайк», «Тоҷикистон», «Имруз Нюс», «Вечерний Душанбе» ва «Нигоҳ» аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Нисбати рӯзноманигорон ва идораи нашрияҳои мазкур аз ҷониби даъвогарон даъвоҳо оид ба рӯёнидани ҷуброни зарари калони маънавӣ пешниҳод

карда шуданд. Чунин амал метавонад боиси аз фаъолият боз мондани нашриёҳо ва расонидани зарари моддию маънавӣ ба хабарнигорон гардад.

Бо пешрафти ҳамарӯзаи техника ва технология дар баробари ВАО-и чопӣ дар ҷумҳурӣ ВАО-и электронӣ ва умуман интернет рӯз аз рӯз рушд ёфта истодааст. Тавре аз маълумоти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ бармеояд, имрӯз дар ҷумҳурӣ шумораи муштариёни интернети фаъол якҷоя бо муштариёни мобилии фаъол 2,9 миллион нафарро ташкил медиҳанд.

Вақтҳои охир истифодаи рӯзафзун ва фаъолонаи шаҳрвандон аз интернет мушоҳида шуда, ҳолатҳои сӯистифода аз он низ ба чашм мерасанд. Дар бисёр ҳолатҳо бо истифода аз ҳуқуқ ба озодии сухан баъзе истифодабарандагон ва гурӯҳҳои муайяни манфиатдор шахсони мансабдор ва ё шаҳрвандони мушаххасро мавриди танқиду таҳқирҳои беасос ва дур аз воқеият қарор медиҳанд, ки боиси дахолати мақомоти танзимкунандаи соҳа мегардад.

Соли 2015 як қатор сомонаҳои мақомотҳои давлатӣ ва хабарӣ мавриди ҳамлаҳои рахнагарон (хакерӣ) қарор гирифтанд, ки қисми зиёди онҳо ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ алоқамандӣ доранд.

Ҳамзамон соли сипаришуда ҳолатҳои баста шудани сомонаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои хабарӣ, аз қабили news.tj, tojnews.org, ozodi.org, ozodagon.com, faraj.tj, youtube.com, вконтакте.ru, facebook.com ва одноклассники.ru ба мушоҳида расид.

Тибқи маълумоти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ соли 2015 тибқи ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасӣ ба як қатор сомонаҳои интернетӣ, ки ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ тааллуқ доранд ва ё маълумотҳои паҳнкуниашон манъгаштаро интишор намудаанд, маҳдуд карда шуданд.

Торафт мураккаб шудани вазъи сиёсии ҷаҳони имрӯза ва фаъолшавии гурӯҳҳои террористию экстремистӣ нишон медиҳад, ки ҷалби шаҳрвандон, хусусан ҷавонон ба гурӯҳи ба ном «Давлати исломӣ» бештар тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад.

Тадқиқотҳои дар ин самт, аз ҷумла аз ҷониби Фонди ҷамъиятии ташаббуси шаҳрвандӣ ва сиёсати интернет дар Тоҷикистон гузаронидашуда нишон медиҳад, ки таблиғгарони гурӯҳи «Давлати исломӣ» аз ҳама бештар аз сомонаҳои иҷтимоии Facebook, Вконтакте, Твиттер, YouTube, Одноклассники ва Телеграмм истифода бурда, рӯзона бештар аз 90 ҳазор паёмакҳо нашр мекунанд. Тавассути ин сомонаҳо шаҳрвандони Осиёи Марказӣ барои пайвастан ба сафи «Давлати исломӣ» даъват карда мешаванд.

Яке аз воситаҳои асосии дастрас намудани иттилоот дар ҷумҳурӣ телевизион ва радио мебошад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ теъдоди умумии шабакаҳои радиоӣ ва телевизион ба 72 адад расидааст, ки аз ин 42 ададро телевизион ва 30 ададро радио ташкил медиҳанд. Бинобар ба итмом расидани мӯҳлати амали Барномаи давлатии рушди гузариш ба пахши рақамӣ барои солҳои 2010-2015 аз ҷониби гурӯҳи кории иборат аз намояндагони мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ТҶ «Хома», Ассотсиатсияи истеҳсолкунандагон ва паҳнкунандагони маводи аудиовизуалӣ, Ассотсиатсияи дастраскунандагони Интернет ва ширкатҳои технологияҳои иттилоотӣ лоиҳаи нави Барномаи мазкур барои солҳои 2015-2017 омода шуда ба Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ пешниҳод гардид. Айни замон лоиҳаи мазкур дар баррасии мақомотҳои масъул қарор дорад.

Қабули Барнома ба раванди босуръати гузариш ба пахши рақамӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои байналмиллалии Тоҷикистон дар доираи тавсияҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо мусоидат хоҳад кард.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва ВАО чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:**

***– таъмини ҳамаҷонибаи дастрасии тамоми ВАО ба сарчашмаҳои расмии иттилоот;***

***– дар сомонаҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бештар интишор намудани иттилоот дар бораи фаъолияти онҳо;***

***– таъмини ҳуқуқи истифодабарандагони интернет ҳамчун истеъмолкунанда ва пешакӣ огоҳ кардани шаҳрвандон дар ҳолатҳои гузаронидани корҳои техникии профилактикӣ;***

***– дар сурати бе санади расмӣ бастани сомонаҳо андешидани чораҳои қонунӣ нисбати ширкатҳои таъминкунандаи интернет;***

***– тариқи ВАО бештар таблиғ намудани симои воқеии гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ, инчунин пешгирии шомилшавии шаҳрвандон ба чунин гурӯҳҳо;***

***– таблиғу ташвиқи фарҳанги истифодаи дурусти телефонҳои мобилӣ ва интернет тавассути ВАО.***

## 2.3. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида

Ба шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ҳуқуқу озодиҳои дахлдор, ба истиснои маҳдудиятҳои ҳадди ақали ҳуқуқ, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо зарур ва кофӣ мебошанд, кафолат дода мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагонро риоя, эҳтиром ва ҳифз намуда, шароити муқаррарнамудаи қонунро барои адои ҷазо, кафолати адолати иҷтимоӣ ва амнияти шахсии маҳкумшудагон таъмин менамояд.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ ҷиҳати амалӣ гардонидани вазифаҳо оид ба гуманизатсияи иҷрои ҷазо, беҳтар намудани шароити нигоҳдории шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ва ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ наздик кардани он чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

Дар асоси тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба Шарҳи умумии даврии ҶТ оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати андешидани тадбирҳои минбаъда оид ба ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, устувор намудани иқтидори муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва беҳтарнамоии ҳимояи ҳуқуқҳои маҳкумшудагон, аз ҷумла ҳуқуқи онҳо ба хӯрок ва оби ошомидании безарар ва хизматрасонии санитарӣ тибқи Нақшаи миллии иҷрои тавсияҳои ин сохтори СММ як қатор чорабиниҳо амалӣ шуда истодаанд.

Барномаҳои дар ин самт қабулгардида, аз ҷумла Барномаи «Рушди низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2015-2020» ва лоиҳаи «Консепсияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2025», ки аз ҷониби Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ (СРИҶҶ ВА) таҳия шуда, айни ҳол дар мувофиқаи вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад, барои ноил гардидан ба мақсадҳои зикргардида мусоидат менамоянд.

Бо вуҷуди ин, мушкилоти вобаста ба ҷалб намудани маҳкумшудагон ба меҳнат, табобати маҳкумшудагони мубталои бемории сил, вируси норасоии масъунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масъуният (ВНМО/БПНМ), таъмини онҳо бо хӯроквории хушсифат, таъмини шароити санитарӣ ғамхории пайвастаро тақозо менамоянд.

Дастгирии иҷтимоии кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, таъмини бехатарӣ ва баланд бардоштани касбияти онҳо низ масъалаи ҳалталаб аст, ки ба вазъи умумӣ дар ин самт таъсир мерасонад.

Вазъи ҳуқуқии шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, осебпазирии онҳо, ки бо маҳрумият аз озодӣ вобаста аст, муносибати махсусро дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо талаб менамояд.

ВҲИ дар фаъолияти худ ҷиҳати мусоидат дар риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, таҳлили вазъ дар ин самт диққати махсус зоҳир менамояд. Бо ҳамин мақсад соли 2015 гурӯҳи мониторингии назди ВҲИ дар 12 муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида мониторингҳо гузаронид. Чунин мониторингҳо, аз ҷумла дар Хона-

интернат барои пиронсолон ва маъюбони «Деҳмой»-и ноҳияи Ҷ.Расулов, Тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатии шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Қурғонтеппа, Конибодом, Турсунзода, ноҳияи Вахш, Тавқифгоҳҳои тафтишотии ЯТ 9/3 шаҳри Хоруғ, ЯТ 9/4 шаҳри Кӯлоб ва ЯТ 9/5 шаҳри Истаравшан, муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятии ЯС 3/10 шаҳри Ваҳдат гузаронида шуданд.

Ҳамчунин тибқи нақшаи кории ВҲИ, дар асоси муроҷиатҳои шаҳрвандон ва иттилои аз ВАО бадастомада кормандони Дастгоҳи ВҲИ дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии ЯС 3/6 шаҳри Ёвон, ЯС 3/9 ноҳияи Ҷиликӯл, Маркази бемориҳои руҳии ноҳияи Рашт, Беморхонаи руҳии ВМКБ дар ноҳияи Рошткалъа санҷиш гузарониданд. Дар баъзе санҷишҳо намояндагони ВАО кормандони ВҲИ-ро ҳамроҳӣ намуданд. Дар арафаи ҷашни Рӯзи ҳуқуқи инсон намояндаи Дастгоҳи ВҲИ ҳамроҳи хабарнигори рӯзномаи «Миллат» ба муассисаи ЯС 3/10 шаҳри Ваҳдат ташриф оварда, бо шароити нигоҳдорӣ, хизматрасонии тиббӣ, фаъолияти меҳнатӣ, шароити моддӣ-маишии маҳкумшудагон шинос шуда, бо онҳо суҳбат намуданд.

Натиҷаи санҷишу мониторингҳо нишон доданд, ки вазъи нигоҳдории шахсони дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида қарордошта рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Биноҳои аксарияти муассисаҳо аз таъмир бароварда шуда, ҷиҳати азнавсозии иншооти санитарию маишӣ, ҷойҳои хоби маҳкумшудагон, қисмҳои тиббӣ, риояи тозагӣ дар муассисаҳо пайваста чораандешӣ карда мешавад.

Зимни гузаронидани санҷишу мониторингҳо аз муносибати кормандон, шароити нигоҳдорӣ ва хурду хӯрок дар муассисаҳои зикргардида шикоят ба қайд гирифта нашудааст.

Тибқи маълумоти СРИҶҶ ВА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли мушкилот дар ин самт ва бобати амалигардонии «Барномаи ташкили меҳнат ва рушди исеҳсолоти саноатӣ дар муассисаҳои ислоҳии ҶТ барои солҳои 2015-2020», дар соли 2015 дар доираи имкониятҳои мавҷуда барои муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҷҳизотҳои истеҳсоли хишти сементӣ, шифербарорӣ, тахтакоркунӣ, таҷҳизот барои истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ ва дигар таҷҳизотҳо ба маблағи умумии 292348 сомонӣ харидорӣ шуда, мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Мониторинги дар муассисаи сукунатии ЯС 3/10 шаҳри Ваҳдат гузаронидашуда нишон дод, ки бо мақсади ба меҳнати музднок ҷалб намудани маҳкумшудагон сеххои шифербарорӣ, хиштбарорӣ, кандакорӣ ва тайёр намудани дару тирезаҳои пластикӣ ташкил карда шудаанд. Ба ивази меҳнати худ маҳкумшудагон то 200-250 сомонӣ маош мегиранд. Инчунин онҳое, ки бинобар ҷиноятҳои содирнамуда қарздоранд, як

қисми маошашон барои ҷуброни зарари дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда гузаронида мешавад.

Новобаста аз ин, мушкилии асосие, ки шахсони аз озодӣ маҳрумшуда зимни суҳбат ҳангоми санҷиш ва мониторингҳо иброз менамуданд, бо кор таъмин набудани онҳо мебошад.

Соли 2015 дар Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони «Деҳмой»-и ноҳияи Ҷ.Расулови вилояти Суғд низ мониторинг гузаронида шуд. Натиҷаи мониторинг нишон дод, ки дар муассиса шароити хуби нигоҳдорӣ, хизматрасонии тиббӣ ва робита бо олами беруна ташкил карда шудааст. Аммо миқдори беморон ва бошандагон дар муассиса аз меъёри муқарраршуда зиёд буданд. Айни ҳол барои ҳалли ин мушкилот бинои нав барои нигоҳубини калонсолон сохта шуда истодааст. Дар муассисаи мазкур иттилооти дастрас дар бораи ҳуқуқҳои беморон ва бошандагон мавҷуд набуд. Хабаргирии бошандагон аз ҷониби хешовандон ва дигар наздикони онҳо бе маҳдудияти вақт ва дар танҳоӣ имконпазир бошад ҳам, барои мулоқот ҳуҷраи алоҳида вуҷуд надорад.

Аз натиҷаи санҷиш ва мониторингҳои гузаронидашуда барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта аз ҷониби гурӯҳи мониторингӣ ба роҳбарони муассисаҳо тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

Табобат ва пешгирии паҳншавии бемориҳои сил, ВНМО/БПНМ ва гепатит яке аз мушкилоти асосӣ дар самти ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, гирифтани ёрии аввалияи тиббӣ, ёрии тиббии махсус дар шароити амбулаториву дармонгоҳии шахсони аз озодӣ маҳрумшуда мебошанд.

Ҷиҳати муайян намудани беморӣ, ташхис, табобат ва пешгирии паҳншавии бемории сил дар муассисаҳои иҷрои ҷазо аз ҷониби роҳбарияти СРИҶҶ ВА ҶТ чораҳои дахлдор андешида мешаванд. Аз ҷумла, соли 2015 аз тарафи Раёсати тиббии СРИҶҶ ВА ҶТ ташхиси флюрографии маҳкумшудагони 14 муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ гузаронида шуд. Дар натиҷаи ташхис ва машварати мутахассисони Маркази ҷумҳуриявии бемориҳои сил ҷиҳати табобати маҳкумшудагони бемор чораҳо андешида шуданд. Бинобар ин шумораи фавти махкумшудагони дучори бемории сил назар ба соли гузашта кам гаштааст.

Бо вуҷуди чораҳои андешидашаванда ташхис, табобат ва пешгирии ин навъи бемориҳо беҳтар намудани шароити моддӣ-техникии муассисаи тиббӣ ва қисмҳои тиббиро талаб менамояд.

Дар ин давра аз тарафи хешовандони шахсоне, ки дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии дохил ва хориҷи кишвар адои ҷазо менамоянд, 8

муроҷиат ворид гардид. Шаҳрвандон асосан аз ВҲИ барои адои минбаъдаи ҷазо ба ҶТ овардани хешовандонашон, ки дар муассисаҳои ҷумҳуриҳои дигар адои ҷазо менамоянд, барои пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудан, ташкили вохӯрӣ бо маҳкумшудагон мусоидат пурсидаанд. Ҳамчунин ВҲИ ба 12 шаҳрванд, ки тариқи шифоҳӣ муроҷиат намуда буданд, барои вохӯрдан бо хешовандонашон, ки дар муассисаҳои гуногун адои ҷазо менамоянд, мусоидат кард.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар самти риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– ба тасвиб расонидани Протоколи Факултативии Конвенсияи зидди шиканҷа;***

***– идома додани мониторингҳои муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида;***

***– гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ барои кормандони муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида.***

## 2.4. Ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шахс ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ

Тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шарҳванд аст.

Раванди даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои хизмати ҳарбӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Конунҳои ҶТ «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ», Низомнома «Оид ба тартиби адои хизмати ҳарбӣ», Дастур оид ба омодакунӣ ва баргузории даъвати шаҳрвандони ҶТ ба хизмати ҳарбӣ ва ба эҳтиёт озод шудани хизматчиёни ҳарбии хизмати ҳарбӣ тибқи даъват ва Оинномаҳои дахлдори ҳарбӣ амалӣ карда мешавад.

Қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ, ки масъалаҳои даъват ба хизмати ҳарбӣ ва хизмати ҳарбиро дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ ба танзим медарорад, ба санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф мутобиқ гардонида шудааст.

Хизматчиёни ҳарбӣ гурӯҳи махсуси шаҳрвандонро ташкил медиҳанд, ки хизмати онҳо бо мушкилиҳо, маҳдудият ва маҳрумиятҳои барои ҳалли вазифаҳои ҳарбӣ зарур алоқаманданд.

Яке аз марҳилаҳои муҳими уҳдадории умумии ҳарбӣ даъват ба хизмати ҳарбӣ мебошад. Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» шаҳрванди ҷинси марди аз 18 то 27 солаи дар қайд буда, ё шаҳрванде, ки уҳдадор аст дар қайди ҳарбӣ бошад ва барои ба таъхир андохтани муҳлати даъват ё озод шудан аз даъват ба хизмати ҳарбӣ ҳуқуқ надорад, бояд ба хизмати ҳарбӣ ба Қувваҳои мусаллаҳ, дигар қушунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ дар вазифаҳои ҳайати аскарон ва сержантҳо даъват карда шавад. Қонун ҳолатҳои озод кардан аз даъват ба хизмати ҳарбӣ ва ба таъхир андохтани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбиро низ муқаррар намудааст.

Барои ташкил ва гузаронидани даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ дар шаҳру ноҳияҳо комиссияҳои даъват ташкил карда мешаванд.

Шаҳрвандони ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванда уҳдадоранд даъватномаи комиссариати ҳарбиро бо забонхат қабул намоянд. Даъватномаро ба шаҳрвандон кормандони комиссариати ҳарбӣ ё дар ҷои кор ё таҳсили онҳо роҳбарон ва дигар шахсони ба ин кор масъул бояд супоранд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрӣ бо кормандони сохторҳои қудратӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ моҳи феврали соли 2014 вобаста ба масъалаҳои тарбияи кадрҳои миллии афсарон ва даъвати босифати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ қайд намуданд, ки барои ҳалли масъалаи мазкур дуруст ва сифатнок ба роҳ мондани тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии наврасон ва ҷавонон дар муассисаҳои томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зарур аст.

Мутаассифона, муроҷиатҳои ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воридгардида ва маълумотҳои дар воситаҳои ахбори омма дарҷгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки баъзан зимни даъват ба хизмати ҳарбӣ тартиби муқаррарнамудаи қонун вайрон карда мешавад. Тариқи иҳотагирӣ (облава) дастгир кардани ҷавонон барои равон кардан ба хизмати ҳарбӣ, дастгир кардани онҳо тавассути дохил шудан ба манзили истиқоматии шаҳрвандон мисоли ин мебошад.

Соли 2015 ба мақомоти ВҲИ 6 муроҷиат оид ба мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва хизматчиёни ҳарбӣ ворид гардид.

Ба Дастгоҳи ВҲИ муроҷиати ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ» вобаста ба санҷиши навори дар шабакаи иҷтимоии «Facebook» паҳншуда оид ба ҳолати иҳотагирӣ дар яке аз кӯчаҳои шаҳри Душанбе ворид гардид. ВҲИ пас аз баррасии муроҷиати мазкур ҷиҳати гузаронидани санҷиш ба Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

муроҷиат намуд. Санҷиши прокурорӣ нишон дод, ки муваққатан иҷрокунандаи вазифаи сардори мизи ҳарбии Ҷамоати деҳоти «Бӯстон»-и ноҳияи Файзобод М.У. бар хилофи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» дар якҷоягӣ бо мутахассиси зершуъбаи Комиссариати ҳарбии ноҳияи Файзобод шаҳрванд Н.Ф.-ро маҷбуран ба мошин савор карда, бо мақсади ба хизмати ҳарбӣ сафарбар кардан ба комиссариати ҳарбии ноҳияи Файзобод овардааст.

Аз ҷониби Сарпрокурори ҳарбӣ барои бар хилофи талаботи қонун амал намудан ва тариқи иҳотагирӣ ба комиссияи даъватӣ ҳозир намудани шаҳрванд нисбати М.У. чораи дахлдор андешида шуд.

Муайян намудани вазъи саломатӣ ва қобили хизмати ҳарбӣ будан барои дар сатҳи баланд ва босифат ба роҳ мондани ҳизмати ҳарбӣ муҳим аст. Дар таҷриба хунукназарии баъзе мутахассисони соҳаи тиб, ки ба ҳайати комиссияҳо барои муоинаи тиббӣ ва азназаргузаронии тиббии шаҳрвандони ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванда ҷалб карда мешаванд, боиси қобили хизмати ҳарбӣ эътироф кардани шаҳрвандони бемор мегарданд. Чунин ҳолат зимни даъвати баҳории соли 2015 бо шаҳрванд Э.Х. рӯй дод. Бо вуҷуди ба бемории вазнини гурда гирифтор будан, ӯ қобили хизмати ҳарбӣ эътироф шуда, барои хизмат ба шаҳри Хоруғ равон карда шуд. Вале баъди муддате, бинобар сабаби бад шудани саломатиаш ӯ аз хизмати ҳарбӣ озод карда шуд.

Вобаста ба ҳодисаи мазкур нисбати масъулони комиссияи тиббии Комиссариати ҳарбии ноҳияи Сино ва духтури комиссияи мазкур парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардид.

Ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои мазкур волидайни даъватшавандагонро низ лозим аст, ки ҳуҷҷатҳои тиббии фарзандони худро, ки гирифтори ягон беморианд, сари вақт омода намуда, ҳангоми зарурат ба комиссияҳои даъватӣ пешниҳод намоянд.

Ҳуқуқ ба озодӣ аз муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф ҳуқуқи асосии инсон мебошад. Тибқи санадҳои байналмилалӣ маҳдудкунии ҳуқуқи мазкур ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои ҳарбӣ низ манъ мебошад.

Муносибатҳои байни хизматчиёни ҳарбӣ (хизматчиёни ҳарбии нав даъватшуда ва аскарони пештар даъватшуда, ҳайати афсарон) бо оинномаҳои ҳарбӣ муқаррар шудаанд. Он муносибатҳое, ки ба қоидаҳои муқаррарнамудаи оинномаҳои ҳарбӣ мухолифанд, муносибатҳои ғайриоинномавӣ эътироф шудаанд.

Мутаассифона, дар баъзе қисмҳои ҳарбӣ ҳолатҳои муносибатҳои ғайриоинномавӣ мушоҳида мешаванд, ки боиси бардоштани ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ ва ҳатто марги хизматчиёни ҳарбӣ мегарданд.

Чунин ҳолатҳо боиси нигаронии Кумитаи зидди шиканҷаи СММ гаштааст. Кумитаи мазкур вобаста ба масъалаи муносибатҳои ғайриоинномавӣ дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоҳизоти хотимавии худ (с.2013) тавсия намудааст, ки «Давлати иштирокчӣ бояд ҷиҳати пешгирӣ ва манъ намудани муносибатҳои ғайриоинномавӣ дар сафи қушунҳои ҳарбӣ тадбирҳои зарурӣ андешад ва тафтишоти беғаразу одилонаи фаврии тамоми арзу шикоятҳои вобаста ба ҳолатҳои муносибатҳои ғайриоинномавиро кафолат диҳад. Дар ҳолати ҷой доштани амалияи муносибатҳои ғайриоинномавӣ шахсоне, ки бевосита чунин амалро содир намудаанд ва шахсоне, ки дар содир кардани он иштирок доштанд, бояд муайян карда шуда, мавриди таъқиби судӣ қарор дода, шахсони гунаҳгор вобаста ба кирдори содирнамудаашон ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, натиҷаи чунин тафтишотҳо ба таври оммавӣ интишор, товони зарари расонидашуда ҷуброн карда шуда, ба шахсони аз чунин амал зарардида ёрии тиббӣ ва равонии дахлдор расонида шавад».

Соли 2015 якчанд ҳодисаҳои ба ҳалокат расидан ё маҷрӯҳ шудани сарбозон зимни хизмат дар сафҳои Қувваҳои мусаллаҳ рух доданд. Дар натиҷаи аз ҷониби ҳамхизмати худ лату кӯб шудан Н.Б. - аскари қатории қисми ҳарбии 12019 Вазорати мудофиаи ҶТ ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардошт. Аскарони қаторӣ А.У., А.К. ва Ф.Р., ки дар қисмҳои ҳарбии гуногун адои хизмат мекарданд, дар натиҷаи лату кӯби ҳамхизматони собиқадори худ ба ҳалокат расиданд. Вобаста ба ҳолатҳои мазкур ҳамаи шахсони гунаҳгор дар асоси моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, ба муҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум карда шуданд.

Аскари қаторӣ Ш.М. аз ҷониби ҳамхизмати худ, фелдшери қисми тиббӣ мавриди лату кӯби сахт қарор гирифт. Ин амал боиси бардоштани зарари вазнини ҷисмонӣ ва фалаҷшавии ӯ гашт. Гунаҳгорони ин ҳодиса ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, соли 2015 аз ҷониби суд дар бораи ба ҷабрдида пардохт намудани ҷуброни зарари маънавӣ қарор қабул карда шуд.

ВҲИ дар доираи фаъолият дар самти мусоидат дар риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ҳангоми муайян намудани ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ҷиҳати пешгирии чунин ҳолатҳо ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор чораандешӣ менамояд. Масалан, вобаста ба навори видеоии дигари лату кӯби сарбозон аз ҷониби сарбози

дигар, ки дар яке аз шабакаҳои иҷтимоӣ ҷой дода шуда буд, ВҲИ ба Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуд. Аз ҷониби мақомоти мазкур аз рӯи ин ҳодиса нисбати хизматчиёни ҳарбии шахсияташон номаълум бо моддаи 373 қисми 2 бандҳои «б, в» КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, тафтишот идома дорад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон зимни амалӣ гардонидани фаъолият дар самти мусоидат дар ҳифзи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ бо Вазорати мудофиаи ҶТ, ташкилотҳои ҷамъиятии дар ин самт фаъолиятбаранда ҳамкориҳои самаранокро ба роҳ мондааст. Ин ҳамкориҳо хусусан дар гузаронидани мониторинги қисмҳои ҳарбӣ назаррасанд.

Мақомоти ВҲИ дар давраи солҳои 2014-2015 вазъи риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбии якчанд қисмҳои ҳарбиро дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ мавриди мониторинг қарор дод. Аз ҷумла, соли 2015 гурӯҳи мониторингии назди ВҲИ дар ҳайати кормандони Дастгоҳи ВҲИ ва ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ» дар 4 қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи ҶТ дар ноҳияҳои Данғара, Ашт, Рашт ва Мурғоб мониторинг гузаронид.

Зимни мониторингҳои мазкур пеш аз ҳама шароити маишии хизматчиёни ҳарбӣ (ҳуҷраҳои хоб, ҳуҷраҳои хизматрасонии маишӣ, ҳуҷраҳои фароғат, ошхона, нуқтаи тиббӣ, ҳаммом, ҷойҳои либосшӯӣ) мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Ҳамчунон ҳангоми гузаронидани мониторингҳои мазкур 47 сарбозони муҳлатнок ва 43 афсарони қисмҳои ҳарбӣ, прапоршикҳо, кормандони қисмҳои тиббӣ мавриди пурсиш қарор дода шуданд. Пурсишҳо асосан ба масъалаи муносибатҳои байни хизматчиёни ҳарбӣ, ҳолатҳои зӯроварӣ ва таҳқир байни аскарон, зӯроварӣ ва таҳқир аз ҷониби ҳайати афсарон, худсарона тарк намудани қисми ҳарбӣ, ҷалби хизматчиёни ҳарбӣ ба корҳои бо хизмати ҳарбӣ вобастанабуда дахл доштанд.

Дар вақти пурсиш муайян карда шуд, ки на ҳамаи хизматчиёни ҳарбӣ ҳуқуқҳои худро ба пуррагӣ медонанд.

Муҳокимаи натиҷаҳои мониторингҳои гузаронидашуда дар соли 2016 ба нақша гирифта шудааст.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар самти риояи ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ва адои хизмати ҳарбӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

– ***таъмини риояи қонун зимни даъват ба хизмати ҳарбӣ;***

– ***таъмини тафтишоти бегаразу одилонаи фаврии тамоми арзу шикоятҳои вобаста ба ҳолатҳои истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои***

***муносибатҳои бераҳмона дар Қувваҳои мусаллаҳ, ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор ва пардохти ҷуброни зарар ба ҷабрдидагон;***

***– таълими стандартҳои соҳаи ҳуқуқи инсон ба аскарон ва афсарони Қувваҳои мусаллаҳ;***

***– тарбияи сифатноки ҳарбӣ-ватандӯстии наврасон ва ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ;***

***– фаъолгардонии ҳамкориҳои қисмҳои ҳарбӣ бо Кумитаҳои волидайни хизматчиёни ҳарбӣ;***

***– шаффоф гардонидани кори комиссияҳои даъватӣ;***

***– гузаронидани мониторингҳои доимии вазъи риояи ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ва адои хизмати ҳарбӣ.***

## 2.5. Ҳуқуқи гурезаҳо

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Муқаррароти мазкур, аз ҷумла нисбати онҳое, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун шахси паноҳҷӯянда ё гуреза эътироф шудаанд, паҳн мешавад. Дар баробари ин шахсони мазкур уҳдадоранд қонунҳои давлат ва урфу одати кишвареро, ки дар он қарор доранд, эҳтиром намоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ яке аз аввалинҳо шуда, соли 1994 ба Конвенсияи соли 1951 дар бораи мақоми гурезаҳо ва Протоколи соли 1967 марбут ба мақоми гурезаҳо ҳамроҳ шудааст.

Дар ҷумҳурӣ масъалаҳои вобаста ба асосҳо ва тартиби дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуреза донистани шахсони паноҳҷӯянда, вазъи ҳуқуқии гурезаҳо, кафолатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва манфиатҳои онҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гурезаҳо” ба танзим дароварда мешаванд. Қонуни мазкур ба гурезагон ҳуқуқ ба ёрии тиббӣ, бо кор таъмин шудан, машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, гирифтани таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна, тибқи тартиби муқарраргардида гирифтани кӯмакпулӣ ва дигар навъҳои кӯмак ва истифода аз дигар ҳуқуқҳое, ки қонунгузорӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди ба таври доимӣ дар ҷумҳурӣ истиқоматкунанда пешбинӣ намудааст, кафолат медиҳад.

Қонун “Дар бораи гурезаҳо” пайваста такмил дода мешавад. Соли 2014 ба он як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки боиси таҳкими кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо гаштанд. Ворид намудани принсипҳои берун накардан, муттаҳидшавии оила, ғайритабъизӣ, ба шахсони паноҳҷӯянда тибқи тартиби муқарраршуда

додани ҳуқуқи гирифтани кӯмаки иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба меҳнат ва фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷумлаи ин кафолатҳо мебошанд.

Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои зериқонунӣ низ ба шаҳсони паноҳҷӯянда ва гурезагон, инчунин ба гурӯҳҳои алоҳидаи онҳо ҳуқуқу озодиҳоро кафолат додаанд. Масалан, тибқи Фармони якҷояи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноября соли 2014 №938-135 паноҳҷуяндагони маъюб, ки расман дар қаламрави ҷумҳурӣ қарор доранд, мутобиқи вазъи иҷтимоии онҳо ба рӯйхати шахсоне, ки барои гирифтани кӯмаки тиббии ройгон ҳуқуқ доранд, ворид карда шудаанд.

Ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ барои ҷойгиркунии муваққатии шахсони паноҳҷуянда ва аъзои оилаи онҳо, ки барои гирифтани мақоми гуреза дар давраи гузаронидани чорабиниҳои ибтидоии айнияткунонӣ ва бақайдгирии пешбинигардида дархост пешниҳод намудаанд, маркази ҷойгиркунонии муваққатӣ сохта шудааст.

Тибқи маълумотҳои расмии Вазорати корҳои дохилӣ айни ҳол дар ҷумҳурӣ 2044 гуреза ва 246 шаҳсони паноҳҷӯянда ба қайд гирифта шудаанд. Инчунин аз ҷониби Намояндагии Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо дар Тоҷикистон ба 320 нафар мандати гурезагӣ дода шудааст.

Аксарияти шахсоне, ки дар Тоҷикистон мақоми гуреза доранд, шаҳрвандони Афғонистон (2037 нафар) мебошанд. Ба шахсони паноҳҷӯянда тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи гурезаҳо” ба муҳлати се сол мақоми гурезагӣ дода мешавад. Ба шахси гуреза эътирофшуда ба ҳамин муҳлат шаҳодатномаи гурезагӣ дода мешавад.

Дастрасӣ ба расмиёти гирифтани мақоми гурезагӣ барои шахсони паноҳҷӯянда, ки ба таври қонунӣ, дар асоси раводид ба кишвар ворид шудаанд, мушкилӣ надорад.

Ташкилотҳое, ки дар самти расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шахсони паноҳҷӯянда фаъолият доранд, дар бораи ҷой доштани баъзе душвориҳо ияброз менамоянд. Масалан, он шахсоне, ки дар расмиёти гирифтани мақоми гурезагӣ қарор доранд, инчунин зимни овардани шикоят нисбати қарорҳо оид ба рад намудани дархост дар бораи гирифтани мақоми гурезагӣ ба ёрии ҳуқуқӣ ниёз доранд. Кам будани адвокатҳои дар ин самт фаъолияткунанда гирифтани ёрии ҳуқуқиро ба паноҳҷӯяндагон душвор мегардонад. Шаффофияти расмиёти гирифтани мақоми гурезагӣ ба пуррагӣ таъмин нест. Дар таҷриба ба шахсони паноҳҷӯянда дар оғози расмиёт маълумоти хаттии муфассал дар бораи расмиёт пешниҳод карда намешавад.

Баъзан риоя накардани мухлати баррасии дархост дар бораи гуреза донистани шахсони паноҳҷӯянда ҷой доранд.

Зимни пешниҳоди дархост дар бораи гуреза дониста шудан шахсони паноҳҷӯянда барои гирифтани маълумотнома аз ҷойи истиқомат ва маълумотномаи тиббӣ, ки бояд ба дархост замима карда шаванд, душворӣ мекашанд.

Гарчанде аксарияти гурезагон шаҳрвандони Афғонистон мебошанд ва дар асоси шиносномаҳои худ метавонанд озодона аз Тоҷикистон берун раванд ва ба Тоҷикистон ворид шаванд, аммо надоштани ҳуҷҷатҳои сафарӣ, ки тибқи қонун бояд ба шахсони гуреза барои ба қаламрави ҷумҳурӣ ворид шудан ва аз қаламрави ҷумҳурӣ берун баромадан дода шаванд, метавонад барои шаҳрвандони он давлатҳое, ки дар Тоҷикистон гуреза дониста шудаанду дар кишвар сафоратхонаи онҳо мавҷуд нест, яъне имконияти гирифтан ё тамдид намудани шиносномаҳои худро надоранд, душворӣ ба миён орад.

Баъзан гурезаҳо ҳангоми муроҷиатҳои шифоҳии худ ба ВҲИ иброз менамоянд, ки дар гирифтани шаҳрвандии Тоҷикистон низ мушкилӣ доранд.

Принсипи манъи берун кардан аз давлате, ки ба онҳо мақоми гурезагӣ додааст, яке аз принсипҳои муҳимест, ки ҳимояи байналмилалии гурезаҳо ба он асос ёфтааст. Принсипи мазкур тибқи Конвенсияи соли 1951 чунин маъно дорад: «… Давлатҳои аъзои Конвенсия набояд гурезаҳоро ба сарҳади кишваре, ки дар он ҷо ба ҳаёт ва озодии онҳо бинобар нажод, дин, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаи сиёсӣ хатар таҳдид менамояд, ронанд ё баргардонанд».

Принсипи мазкур дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дарҷ шудааст. Қисми 1 моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» пешбинӣ менамояд, ки шахсони паноҳҷӯянда, ки дар хусуси гуреза донистан дархост пешниҳод намудаанд, гуреза дониста шудаанд, мақоми гурезаро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум карда шудаанд, хилофи иродаи онҳо ба қаламрави давлате, ки дар он ба ҳаёт ё озодии онҳо бинобар мансубияти нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаҳои сиёсӣ хатари таъқиб таҳдид мекунад, баргардонида намешаванд. Дар таҷриба баъзан вайрон шудани принсипи мазкур мушоҳида мешавад. Масалан, шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, гуреза С.М. ҷиҳати мусоидат дар ҳимояи ҳуқуқҳои писараш ба ВҲИ муроҷиат намуд. Аз муроҷиат маълум мегардад, ки писари муроҷиаткунанда Ҳ.С., ки ноболиғ аст, дар асоси қарори Суди ноҳияи Сино аз 16 ноябри соли 2015 дар содир намудани

ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо моддаи 499 қисми 1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ ҷазо дар намуди ҷаримаи маъмурӣ бо берун кардан аз қаламрави ҶТ таъин карда шудааст.

Дар асоси шикояти кассатсионии муроҷиаткунанда, ки дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун пешниҳод карда шудааст, Суди шаҳри Душанбе бо таъиноти худ аз 20 ноябри соли 2015 қарори қабулнамудаи суди ноҳияи Синоро тағйир дода, ҷазои ҷаримаро бе берун кардан аз қаламрави ҶТ таъин намудааст. Муроҷиаткунанда мақомоти дахлдорро дар бораи пешниҳоди шикояти кассатсионӣ хабардор карда бошад ҳам, вале гурезаи ноболиғ ба таъиноти қабулнамудаи Суди шаҳри Душанбе нигоҳ накарда, рӯзи 20 ноябр аз ҷумҳурӣ берун карда шудааст.

Чун қоида, барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар асоси қ. 3 м. 499 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (КҲМ ҶТ) ҷаримаи маъмурӣ ва берун кардан аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда мешавад. Аммо на ҳама вақт ба ҳолатҳои то кадом андоза ба манфиати бехатарии ҷамъиятӣ ва давлатӣ ё ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ таҳдид намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурии мушаххас, хусусияти ҳуқуқвайронкунии маъмурии содирнамудаи гуреза ё шахси паноҳҷӯянда, шахсияти гунаҳгор ва ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарии маъмурӣ баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад.

Мушкилоти дигар муҳлати овардани шикоят нисбати қарори суд дар бораи берун кардан аз қаламрави ҶТ аст. Мутобиқи талаботи қ. 3 м. 813 КҲМ ҶТ шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд метавонад нисбати қарор дар бораи берун намудан аз қаламрави ҶТ дар давоми як шабонарӯз баъди эълон намудани қарор шикоят намояд. Бо дарназардошти он ки аксарияти паноҳҷӯяндагон саводи кофӣ надоранд, қонунҳои ҷумҳуриро намедонанд, на ҳама вақт имконияти истифода аз хизмати адвокатро доранд, чунин муҳлати кӯтоҳ барои пурра ва ҳаматарафа таъмин намудани ҳуқуқи шахси паноҳҷӯянда ва гуреза мусоидат намекунад.

Баррасии муроҷиатҳои соли 2015 ба мақомоти ВҲИ дар самти мусоидат ба ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо воридгардида нишон медиҳад, ки амалҳои содирнамудаи худи гурезаҳо баъзан сабабгори маҳрум шудани онҳо аз мақоми гурезагӣ мегардад. Масалан, шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Н.Ш.М., ки соли 2008 ба мақоми гурезагӣ соҳиб шудааст, барои ҷалб намудани духтарон ба ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ моҳи январи соли 2015 аз мақоми гурезагӣ маҳрум карда шудааст. Зеро бо чунин ҳаракатҳои худ ба амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқии ҷомеа иснод овардааст.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар самти риояи ҳуқуқи гурезаҳо тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– андешидани чораҳои зарурӣ барои нашр ва таъмини ҳуҷҷатҳои сафарӣ ба гурезаҳо бо мақсади таъмини иҷрои талаботи Конвенсияи соли 1951 дар бораи мақоми гурезаҳо;***

***– зиёд кардани муҳлати шикоят, ки дар қ. 3 м. 813 КҲМ ҶТ барои аз қаламрави ҶТ берун намудани гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда пешбинӣ шудааст;***

***– мутобиқ намудани меъёри қисми 3 моддаи 499 КҲМ ҶТ ба талаботи моддаи 33 Конвенсияи гурезаҳо ва моддаи 14 Қонуни ҶТ "Дар бораи гурезаҳо".***

## 2.6. Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ

Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ ҳамчун қисми таркибии ҳуқуқи инсон дар моддаи 39 Конститутсияи ҶТ кафолат дода шуда, механизмҳои амалишавии он дар дигар санадҳо ва барномаҳои қабулшуда пешбинӣ шудааст.

Дар соли 2015 дар Буҷети давлатӣ ба соҳаи иҷтимоӣ қариб 8 миллиард сомонӣ ё зиёда аз 50%-и хароҷоти буҷети давлатӣ равона карда шуд. Ин нишондиҳанда дар соли 2016 8,3 миллиард сомониро ташкил медиҳад, аз ҷумла барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва таъминоти нафақа беш аз 3 миллиард сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Новобаста аз зиёдшавии ҳаҷми маблағгузорӣ дар самти таъминоти иҷтимоии аҳолӣ баъзе мушкилиҳо низ ҷой доранд. Буҳрони ҷаҳонии молиявӣ-иқтисодии солҳои охир вазъи калонсолон, маъюбон, бекорон, оилаҳои серфарзанд, модарони танҳо ва камбизоатонро осебпазир намуд. Ин гурӯҳи одамон бо сабабҳои беморӣ, синну сол ва камбизоатӣ имконияти таъмини сатҳи зиндагии арзандаи худро надоранд ва ба ғамхорӣ ва дастгирии махсуси давлат эҳтиёҷ доранд.

Таъминоти нафақавӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тибқи иттилои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати ҶТ ба ҳолати 1 январи соли 2016 дар ҳудуди ҷумҳурӣ 625461 нафақагирон зиндагӣ мекунанд, ки нисбат ба соли 2014 13951 нафар ё 2,3% зиёд шудаанд. Аз шумораи умумии нафақагирон ба ҳолати 1 январи соли 2016  142203 нафарашон нафақагирони маъюб мебошанд. Дар соли 2015 андозаи миёнаи нафақаҳои меҳнатӣ 248,05 сомонӣ, нафақаҳои суғуртавӣ 284,58 сомонӣ, нафақаҳои иҷтимоӣ 126,85 сомонӣ ва дар маҷмӯъ андозаи миёнаи нафақа дар ҷумҳурӣ 230,0 сомониро ташкил медиҳад. Ба ҳолати 1 январи соли

2016 андозаи ҳадди ақали нафақа аз рӯи синну сол 130 сомониро ташкил медиҳад.

Муроҷиатҳои шаҳрвандон дар бораи таъмини онҳо бо нафақа ва кӯмакпулиҳо ба мақомоти гуногун далели он аст, ки ҳуқуқҳои онҳо дар ин самт пурра таъмин карда намешаванд. Санҷишҳои гузаронидаи мақомоти прокуратура дар соли 2015 дар самти таъмини нафақа камбудию қонунвайронкуниҳои ҷиддӣ, аз қабили сохтакорӣ, дуздиву азонихудкунии нафақапулиҳо, пардохт намудани нафақапулиҳо ба шаҳрвандони фавтида, беасос муқаррар намудани гурӯҳи маъюбӣ, барзиёд пардохт кардани нафақапулӣ ва дигарҳоро ошкор намуданд. Аз натиҷаи чунин санҷишҳо 18 пешниҳод ва 7 амр дода шуда, нисбати 26 нафар истеҳсолоти интизомӣ, моддӣ, парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва 3 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст. Инчунин санҷишҳои аз ҷониби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати ҶТ гузаронидашуда 770 ҳолати нодуруст таъин ва бозҳисобӣ гардидани нафақаҳо (736 ҳолат зиёд таъину бозҳисобӣ шудан ва 34 ҳолати кам таъину бозҳисобӣ шудан) ва 22 ҳолати нодуруст пардохт гардидани кӯмакпулӣ барои дафнро ошкор намуданд.

Аз маълумоти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати ҶТ бармеояд, ки теъдоди умумии нафақагирони коркунанда (ба ҳолати 1 октябри соли 2015 31714 нафар) нисбати 1 январи соли 2015 1938 нафар кам шудаанд.

Бо қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз 1 январи соли 2013 низоми нави нафақавӣ ҷорӣ карда шуд. Тибқи низоми нав ба андозаи нафақа собиқаи суғуртавӣ ва маблағи дар суратҳисоби фардии захиравии шаҳрванд буда, таъсир расонида, барои гирифтани нафақа на кам аз 300 моҳ барои мардон ва 240 моҳ барои занон (ба ғайр аз гурӯҳҳои имтиёзнок) собиқаи корӣ талаб карда мешавад. Шаҳрвандон аз низоми нави нафақавӣ ва масъулияти таъмини нафақаи минбаъдаи худ чандон огоҳ нестанд. Бинобар ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зиёд ҳангоми таъини нафақа ба мушкилию нофаҳмиҳо дучор мешаванд.

Дар низоми суғуртаи давлатии иҷтимоии нафақавӣ баъзе гурӯҳҳои шаҳрвандони коркунанда ба пуррагӣ фаро гирифта нашудаанд. Аз ҷумла, шумораи зиёди аҳолии қобили меҳнати дар хориҷи кишвар коркунанда (муҳоҷирони меҳнатӣ) ва як қисми аҳолии қобили меҳнат, ки дар бахши ғайрирасмӣ дар дохили кишвар кор мекунанд, бинобар сабаби насупоридани андоз ба суғуртаи иҷтимоии нафақавии ҳатмӣ фаро гирифта нашудаанд. Дар сурати ҷалби ҳиссаи ин гурӯҳи одамон ба

суғуртаи иҷтимоии нафақавӣ вазъи таъминоти иҷтимоиро беҳтар намудан мумкин аст.

Ҳамчунин таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки андозаи нафақаро аз ҳисоби рушди фондҳои нафақавии ғайридавлатӣ (хусусӣ), ки шаҳрвандон ҳангоми пиронсолӣ аз онҳо даромади иловагӣ гирифта метавонанд, таъмин кардан мумкин аст.

Таъминоти иҷтимоӣ ба ғайр аз нафақа кӯмакпулиҳоро барои корношоямии муваққатӣ, кӯмакпулиҳои оилавӣ, барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат, инчунин хизматрасониҳои иҷтимоӣ, бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ таъмин намудани маъюбон, табобати ройгон ва ё имтиёзноки санаторию курортӣ ва таълиму тарбияи маъюбон ва дигарҳоро дар бар мегирад. Андозаи чунин кӯмакпулиҳо паст буда, ба зиёд кардан ниёз доранд.

Вобаста ба ин аз ҷониби Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз натиҷаи баррасии Маърӯзаи Тоҷикистон оид ба иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар самти таъминоти иҷтимоӣ дар хусуси зина ба зина баланд бардоштани андозаи нафақапулӣ ва кӯмакпулиҳои ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дахлдошта тавсия пешниҳод шудааст.

Дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба калонсолону маъюбон хизматрасонӣ дар хона, дар муассисаҳои будубоши доимӣ ва муваққатӣ расонида мешавад. Хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимӣ намуди асосии хизматрасонии иҷтимоӣ буда, асосан тавассути муассисаҳои махсусгардонидашуда амалӣ мешавад. Айни ҳол муассисаҳои буду боши доимӣ 1362 нафар бошандагонро (соли 2014 - 1460 нафар) фаро гирифтаанд. Дар соли 2015 ба хона-интернатҳо 18 млн.446 ҳазору 571 сомонӣ ҷудо гардидааст, ки ин нисбат ба соли 2014 (17 млн. 625 ҳазору 590 сомонӣ) 4,7% зиёд мебошад.

Теъдоди эҳтиёҷмандон ба муассисаҳои иҷтимоӣ зиёд буда, мутаассифона онҳо имконияти қабул ва нигоҳубини ҳамаи эҳтиёҷмандонро надоранд. Шаҳрвандон барои ҷойгир шудан дар ин муассисаҳо солиёни дароз навбат мепоянд. Мувофиқи мақсад аст, ки имкониятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба беҳтар намудани вазъ дар ин самт ҷалб карда шуда, хизматрасониҳои иҷтимоии ғайристатсионарӣ (кӯмакрасонӣ дар хона, ёрии моддӣ, машваратӣ ва ғайра) тақвият дода шаванд.

Ҳифзи давлатии ҳуқуқу озодиҳои маъюбону пиронсолон яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ВҲИ мебошад. Дар соли 2015 мақомоти ВҲИ бо мақсади таҳлили вазъи риояи ҳуқуқи бошандагон дар “Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба пиронсолон ва маъюбони

яккаву танҳо”-и ноҳияи Ғончӣ, “Маркази минтақавии хизматрасониҳои иҷтимоӣ” ва “Маркази будубоши рӯзона барои пиронсолону маъюбони”-и шаҳри Хуҷанд, Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тавонбахшӣ ва будубоши доимии пиронсолон ва маъюбон”-и ноҳияи Бохтар, “Шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона”-и шаҳри Қурғонтеппа ва ноҳияи Хуросон санҷиш гузарониданд. Натиҷаи санҷишҳо нишон доданд, ки шароити зиндагии бошандагони ин муассисаҳо ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Бошандагон аз шароити нигоҳубин, хизматрасониҳои тиббию иҷтимоӣ қаноатманд буда, бо наздикону хешовандон алоқаи доимӣ доранд.

Инчунин дар баъзе аз ин муассисаҳо зимни санҷиш камбудиҳо ошкор гардиданд. Масалан, дар Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тавонбахшӣ ва будубоши доимии пиронсолон ва маъюбон”-и ноҳияи Бохтар норасоии таҷҳизотҳои тавонбахшии маъюбон, бо дастқаппакҳо таҷҳизонида нашудани баъзе аз иншоотҳои хизматрасонӣ, ки барои маъюбони аз аробачаи маъюбӣ истифодабаранда заруранд, ба назар расиданд. Хизматрасонии иҷтимоӣ дар аксар муассисаҳо аз ҷониби кормандоне расонида мешавад, ки шахсони ғайрикасбӣ мебошанд. Аз натиҷаи санҷишҳо оид ба беҳтар намудани вазъи хизматрасонӣ ба мақомоти дахлдор тавсияҳои ВҲИ ирсол карда шуданд.

Дар соли 2015 ба ВҲИ оид ба масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ 23 муроҷиати хаттӣ ворид гардидааст. Муроҷиатҳо асосан ба масъалаҳои мусоидат барои рӯёнидани ҷуброни зарар ба саломатӣ, саривақт пардохт нашудани нафақа, норозигӣ аз андозаи нафақаи таъиншуда ва мусоидат барои азнавҳисобкунии нафақа, кам будани андозаи нафақа, муқаррар кардани маъюбӣ барои таъини нафақа, дастрас намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи собиқа ва музди меҳнат, ворид намудан ба рӯйхати шахсони камбизоат ва гирифтани кӯмаки моддӣ дахл доранд.

Дар як қатор муроҷиатҳои худ, собиқ шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки барои истиқомати доимӣ ба хориҷи кишвар рафтаанд, оид ба гирифтани маълумотнома дар бораи собиқа ё андозаи музди меҳнат аз ВҲИ дархости мусоидат намудаанд. Бо истифода аз ваколати худ, ВҲИ ба собиқ шаҳрвандони ҷумҳурӣ К.С., К.В., К.М. ва дигарон барои гирифтани маълумотҳои зарӯрӣ мусоидат намуд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар самти риояи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– тақвияти корҳои фаҳмонидадиҳӣ оид ба мазмун ва муҳтавои Қонуни ҶТ «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» дар байни аҳолӣ;***

***– ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ва шахсони дар бахши иқтисодии ғайрирасмӣ коркунанда ба низоми суғуртаи нафақавӣ ва иҷтимоӣ;***

***– баланд бардоштани андозаи нафақапулӣ ва кӯмакпулиҳои ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дахлдошта ва наздик намудани андозаи онҳо ба ҳадди ақали зиндагӣ;***

***– беҳтар намудани таъминоти моддию техникӣ, маблағгузорӣ, ҳаҷм ва сифати хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони ин муассисаҳо.***

## 2.7. Ҳифзи ҳуқуқи маъюбон

Ғамхорӣ нисбати маъюбон дар маркази диққати давлат қарор дорад. Ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар сатҳи конститутсия кафолат дода шудааст. Масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқи маъюбон тавассути Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» ба танзим дароварда шуда, ҷиҳати иҷро шудани онҳо барномаҳои дахлдор амалӣ шуда истодаанд.

Новобаста аз он, ки дар ҷумҳурӣ захираҳои молиявӣ маҳдуданд, Ҳукумати ҶТ барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоии маъюбон, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди солимгардонӣ, омодагии касбӣ ва фароғативу истироҳатии онҳо пайваста кӯшиш менамояд ва далели он ислоҳот дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва қабули барномаҳои давлатӣ дар ин самт мебошад. Сол аз сол шумораи маъюбон кам гашта, вазъи риояи ҳуқуқи онҳо беҳтар мегардад.

Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ дар соли 2015 теъдоди умумии шаҳрвандоне, ки нафақаи маъюбӣ мегиранд 142 203 нафар, ки аз онҳо 13609 нафар маъюби гурӯҳи 1-ум, 68696 нафар маъюби гурӯҳи 2-юм ва 35864 нафар маъюби гурӯҳи 3-юм мебошанд, аз ҷумла 24034 нафарро кӯдакон ташкил медиҳанд. Шумораи маъюбон дар соли 2015 назар ба соли 2014 5124 нафар кам гардидааст.

Дар соли 2015 зимни муоинаи такрорӣ, ки аз ҷониби Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ гузаронида шуд, гурӯҳи маъюбии 13 ҳазору 871 нафар тасдиқи худро наёфтанд ва дар натиҷа пардохти нафақаи 10 ҳазору 748 нафар қатъ гардид.

Маъюбон аз гурӯҳи бештар осебпазири аҳолӣ ба шумор рафта, ба нигоҳубини махсус ниёз доранд. Қисми зиёди онҳо на фақат аз беморӣ, балки аз надоштани имконияти мутобиқшавӣ ба ҳаёти ҷомеа ранҷ мекашанд. Нигоҳубин ва хизматрасониҳои иҷтимоии маъюбон аз ҷониби давлат эҳтиёҷи ин табақаи осебпазирро пурра қонеъ намегардонад. Бо вуҷуди он, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии

маъюбон» нисбати маъюбон кафолатҳои муайянро пешбинӣ намудааст, аммо ҷиҳати таъмини онҳо камбудиҳо низ ба назар мерасанд.

Дар давоми соли 2015 аз тарафи Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати ҶТ зимни санҷишҳои назоратии гузаронидашуда 35 камбудӣ оиди ба инобат нагирифтани дастрасии маъюбон ба биною иншоотҳо ошкор карда шуда, ба масъулини сохтмонҳо 31 амрнома дода шуд ва барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи меъморӣ ва сохтмонӣ ба маблағи 4000 сомонӣ ҷарима таъин карда шуд.

Мушкилоти вобаста ба таъмини муҳити бемонеа нисбати маъюбон аз ҷониби ВҲИ пайваста мавриди санҷиш ва таҳлил қарор дода мешаванд. Ин мушкилот пеш аз ҳама дар номутобиқатии биноҳои ҷамъиятӣ ва иншоотҳо ба эҳтиёҷоти шахсони имконияташон маҳдуд, муҷҷаҳаз гардонида нашудани таҷҳизотҳои махсус барои маъюбон дар нақлиёт ва кӯчаҳо, дастнорасии муассисаҳои таҳсилотӣ зоҳир мешавад. Муҳайё намудани муҳити бемонеа ҳамчун самти асосии тавонбахшии маъюбон имконият медиҳад, ки маъюбон озодона рафту омад намуда, ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд ва аз арзишҳои фарҳангӣ истифода намоянд.

Натиҷаи мониторинги гузаронидаи мақомоти ВҲИ нишон медиҳад, ки баъзе объектҳои инфрасохтории иҷтимоӣ ба талаботи муҳити бемонеа барои маъюбон ҷавобгӯ нестанд. Масалан, дар шаҳри Турсунзода биноҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, Осорхонаи миллӣ, Маркази ташхиси тиббӣ, Маркази саломатӣ, муассисаи таҳсилоти ҳамагонии №75, Шуъбаи манзилию коммуналӣ ва ҳоҷагидорӣ ва марказҳои савдо ба талаботи муҳити бемонеа ҷавобгӯ нестанд. Дар ноҳияи Рӯдакӣ низ вазъи биноҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, Беморхонаи марказӣ, Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилӣ ва марказҳои савдо чунин аст.

Тавонбахшии маъюбон ба барқарор намудани имконияти онҳо барои зиндагӣ ва фаъолияти мустақилона равона карда шудааст. Тибқи моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» тавонбахшии маъюбон мутобиқи барномаи инфиродӣ, ки дар асоси хулосаи мақомоти ваколатдори ташхиси тиббию иҷтимоӣ барои ҳар як маъюб муайян карда шудааст, амалӣ мегардад.

Дар соли 2015 аз ҷониби Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ 1891 маъюб бо барномаи инфиродии тавонбахшӣ фаро гирифта шуд, ки сатҳи фарогирии маъюбон бо он ҳамагӣ 1,3%-ро ташкил медиҳад. Мушкилии асосии амалӣ намудани барномаи мазкур норасоии мутахассисони соҳа ва воситаҳои тавонбахшӣ мебошад.

Солимгардонии маъюбон аз соҳаҳои махсуси табобатӣ (физиотерапия, логопедӣ ва ғайра), таҷҳизотҳои ёрирасон (ортезҳо, протезҳо, аробачаҳои маъюбӣ, таҷҳизотҳои шунавоӣ, асоҳои махсус ва ғайра) вобастагии зиёд дорад. Барои таъмини воситаҳои техникии тавонбахшии маъюбон дар соли 2015 3 012 132 сомонӣ маблағ ҷудо гардида, 67 нафар эҳтиёҷманд бо ортез, 683 нафар маъюб бо аробачаи маъюбӣ таъмин карда шуданд.

Таъмини маъюбон бо роҳхатҳои санаторию курортӣ ва воситаҳои техникии тавонбахшӣ беҳбудиро тақозо менамояд. Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2015 бо мақсади таъминоти собиқадорони ҷангу меҳнат, маъюбон ва дигар нафақахӯрони имтиёздор барои табобати санаторию курортӣ ба истироҳатгоҳҳои ҷумҳуриявӣ 163 роҳхат дода шудааст, ки 333 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Маъюбоне, ки ҳаҷми нафақаашон начандон калон аст, аз воситаҳои зарурии техникии тавонбахшӣ ва хизматрасонии санаторию курортӣ ба таври дахлдор истифода бурда наметавонанд.

Фаъолияти меҳнатии маъюбон диққати махсусро талаб менамояд. Аммо дар амалия дар шароити иқтисоди бозорӣ маъюбон дар пайдо кардани шуғли муносиб душворӣ мекашанд.

Яке аз роҳҳои мусоидат ба шуғли маъюбон тариқи квота ба кор таъмин кардани онҳо мебошад. Мутаассифона аксари маъюбони қобили меҳнат аз низоми мазкур истифода бурда наметавонанд. Дар соли 2015 тавассути мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ҷумҳурӣ 2860 нафар шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта, аз ҷумла 150 нафар маъюбон тариқи квота бо кор таъмин карда шуданд.

Ҳангоми бо кор таъмин намудани маъюбон мушкилоти зерин, ба монанди мавҷуд набудани ҷойҳои кори холӣ тибқи тавсияи мақомоти ташхиси тиббию иҷтимоӣ, аз ҷониби корфармоён таъсис дода нашудани ҷойҳои махсуси корӣ барои маъюбон ва фароҳам оварда нашудани шароити меҳнати мутобиқ ҷой доранд, ки барои бо кор таъмин шудани маъюбон монеа мегардад.

Масъалаи ҳуқуқи маъюбон ба меҳнат дар доираи вохӯрии ВҲИ, ки 26 майи соли 2015 бо иштироки намояндагони сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандии дар ин самт фаъолияткунанда баргузор гардид, мавриди муҳокима қарор дода шуд. Дар чорабинии мазкур иброз гардид, ки қонунгузорӣ ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шудани маъюбонро манъ накардааст ва бо дарназардошти фаъолнокии иҷтимоии шахсони имконияти ҷисмониашон маҳдуд мувофиқи мақсад аст, ки чунин фаъолнокӣ аз ҷониби давлат дастгирӣ карда шавад.

Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зимни баррасии Маърӯзаи якҷояи дуюм ва сеюми даврии Тоҷикистон оид ба татбиқи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ моҳҳои феврал ва марти соли 2015 аз он нигаронӣ намудааст, ки Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" мафҳуми дақиқи шахсони маъюбро пешбинӣ намекунад ва таснифи маъюбӣ (гурӯҳҳои 1-3) боиси дур карда шудани шахсони маъюб аз бозори меҳнат гардидааст. Кумитаи мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намуд, ки Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон" таҷдиди назар карда шуда, ҷиҳати беҳтар намудани дастрасии маъюбон ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тадбирҳои сиёсӣ ва ташкилӣ андешад. Кумита инчунин тавсия намуд, ки корфармоёни дорои зиёда аз 20 корманд барои бо кор таъминкунии шахсони маъюб 5% квота ҷудо намоянд.

Дар соли 2015 ба ВҲИ оид ба масъалаҳои тақсими молу мулки муштарак, рӯёнидани маблағи қарз, кӯчонидан аз манзил, маскун намудан ба манзил, азонихудкунии молу мулк аз ҷониби шахси дигар, аъзои оилаи молик эътироф намудан, азонихудкунии қитъаи замин ва дигар масъалаҳо 9 нафар маъюбон муроҷиат намуданд.

Аз ҷониби давлатҳои аъзои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба Шарҳи универсалии даврии ҶТ ва Кумитаи оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз натиҷаи баррасии маърӯзаи навбатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба Тоҷикистон тавсия шудааст, ки Конвенсияи ҳуқуқи маъюбонро ба тасвиб расонад.

Масъалаи ба тасвиб расонидани Конвенсияи ҳуқуқи маъюбон дар ҷумҳурӣ тайи чанд соли охир мавриди муҳокима қарор дорад. Мазмуну муҳтавои асосии Конвенсия таъмини иштироки маъюбон дар қатори одамони солим дар ҳаёти ҳамарӯзаи ҷомеа, эҳтироми қадру қиммати инсонӣ ва мустақилияти шахсияти онҳоро пешбинӣ намуда, гузаштан аз таъминоти иҷтимоӣ ва хайрхоҳӣ ба таъсиси низоми таъмини ҳуқуқу озодиҳои онҳоро тақозо менамояд. Ба тасвиб расонидани Конвенсияи мазкур қадами муҳим дар роҳи ҳалли мушкилоти маъюбон мебошад.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи маъюбон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои иҷро накардани талаботи қонунгузорӣ доир ба таъмини муҳити бемонеа ба маъюбон;***

***– қабули Барномаи давлатӣ оид ба таъсиси муҳити бемонеа ба маъюбон;***

***– фарогирии маъюбон бо барномаи инфиродии тавонбахшӣ ва бартараф намудани норасоии мутахассисони соҳа ва воситаҳои тавонбахшӣ;***

***– беҳтар ба роҳ мондани ёрии протезию ортопедӣ ва таъмини маъюбон бо роҳхатҳои санаторию курортӣ;***

***– ба тасвиб расонидани Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон.***

## 2.8. Ҳуқуқ ба манзил

Ҳуқуқ ба манзил дар Конститутсияи ҶТ ба сифати ҳуқуқҳои асосии инсон эътироф шудааст. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, кооперативӣ ва хусусӣ амалӣ карда мешавад.

Дар ҷумҳурӣ солҳои охир ба масъалаи зиёд намудани сохтмони манзил, рушди инфрасохторҳои иҷтимоии маҳалҳои аҳолинишин диққати асосӣ дода мешавад. Тибқи маълумоти Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати ҶТ дар соли 2015 1202,9 ҳазор метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд, ки ин нишондод нисбат ба соли 2014 91,3 ҳазор метри мураббаъ зиёд мебошад.

Тибқи иттилои КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" ба ҳолати 1 январи соли 2015 масоҳати умумии манзили истиқоматӣ дар ҷумҳурӣ 90189,6 ҳазор метри мураббаъро ташкил мекунад, ки ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ (8 млн. 352 ҳазор) 10,79 метри мураббаъ рост меояд. Ин нишондод аз муқаррароти Кодекси амалкунандаи манзили ҷумҳурӣ, ки меъёри майдони истиқоматиро ба ҳар шахс ба андозаи 12 метри мураббаъ пешбинӣ кардааст, кам мебошад.

Зиёд гардидани масоҳати сохтмони манзили истиқоматӣ вазъро дар самти таъмин намудани шаҳрвандон ба манзил, дастрасии аҳолӣ ба манзил, таъмини шароити мусоид ва бехатари зист чандон тағйир надодааст.

Амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил яке аз мушкилоти асосие мебошад, ки солҳои дароз ҳалли худро тақозо менамояд. Ҳалли ин мушкилот дар давраи рушди муносибатҳои бозорӣ, ки дар он иштироки давлат дар зиёд намудани фонди манзил ва нигоҳдории он маҳдуд шудааст, ба худ муҳимияти хос касб намудааст. Новобаста аз он, ки аз ҷониби давлат корҳо дар ин самт солҳои охир вусъат ёфтаанд, шаҳрвандоне, ки солҳои дароз дар рӯйхати эҳтиёҷмандони беҳтар кардани шароити манзил мебошанд, хеле зиёданд.

Аксари қишри осебпазири аҳолӣ умуман имконияти амалӣ намудани ҳуқуқ ба манзилро надоранд ва барои онҳо манзил дастнорас аст. То ҳол дар ҷумҳурӣ Барномаи таъмини оилаҳои камбизоат ва табақаҳои осебпазири аҳолӣ ба манзил қабул нагардида, дар сатҳи

қонунгузорӣ низ мафҳуми “манзили дастрас” муайян нашудааст. Таъмини қишри осебпазири аҳолӣ ба манзил зарурати таҳия ва қабули Барномаи давлатии таъмини оилаҳои камбизоат ва табақаҳои осебпазири аҳолӣ ба манзили иҷтимоӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ оид ба сохтмони манзили иҷтимоиро тақозо менамояд.

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ сохтмони манзил бо роҳи саҳмгузории шаҳрвандон вусъат ёфта, дастрасии онҳоро ба манзил осон гардонидааст. Мутаассифона, бинобар ноустувории қурби асъори миллӣ дар баробари асъори хориҷӣ, қиммат шудани арзиши масолеҳи сохтмонӣ ва хизматрасонӣ, сари вақт иҷро нашудани уҳдадориҳои тарафҳо, бозпас гирифтани маблағҳои пешпардохтшуда ва ғайраҳо. ба ҷараёни сохтмон ва супоридани объектҳои сохтмонӣ халал ворид намуда, ба рушди соҳа таъсири манфӣ расониданд. Илова бар ин, аз ҷониби сохторҳои дахлдор назорат нашудани раванди мазкур боиси боз ҳам мураккаб шудани вазъ дар ин самт мегардад. Бинобар ин мувофиқи мақсад аст, ки сохтмони чунин биноҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳти назорат қарор дода шуда, саҳмгузории шаҳрвандон дар сохтмони манзил ҳаматарафа дастгирӣ ва ҳифз карда шавад.

Яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти дастрасӣ ба манзил истифодаи қарзҳои ипотекӣ мебошад. Аммо дар амал ин намуди қарз дастнорас буда, муҳлати кутоҳи пардохти қарз ва баланд будани фоизҳои он гирифтани онро душвор мегардонад. Ба ғайр аз ин, тибқи қонун қарзи мазкур асосан на барои сохтмони манзили истиқоматӣ, балки барои хариди он дода мешавад, ки боиси худдорӣ кардани шаҳрвандон аз гирифтани чунин қарз мегардад. Мувофиқи мақсад аст, ки механизми амалишавии меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи ипотека» мукаммал карда шавад.

Новобаста аз он, ки арзиши хонаҳо дар соли 2015 назар ба солҳои гузашта паст шуданд, қобилияти харидории аҳолӣ, бахусус камбизоатон низ кам гардидааст. Ҳоло ҳам арзиши як метри мураббаъи манзили истиқоматӣ аз даромади миёнаи якмоҳаи аҳолии коркунанда зиёд мебошад. Бинобар ин зиёд намудани сохтмони манзили дастрас барои аҳолии камбизоат мувофиқи мақсад аст.

Вазъи истиқоматкунандагони хобгоҳҳои умумӣ нигаронкунанда боқӣ мондааст. Соҳибмулкони хобгоҳҳои умумӣ аз ҳуқуқи мустақилона ихтиёрдорӣ намудани худ истифода намуда, бо баҳонаи азнавсозӣ ва дигар кардани тарҳи хобгоҳҳои умумӣ ё қатъ шудани муносибатҳои меҳнатӣ шаҳрвандони дар он истиқоматдоштаро бе дарназардошти манфиатҳои онҳо ва бе таъмини онҳо бо дигар манзили истиқоматӣ берун мекунанд. Дар ин мавридҳо баҳсҳои судӣ аксаран ба манфиати

соҳибмулкон ҳаллу фасл карда мешаванд, ки дар натиҷа шаҳрвандон аз манзили ягонаи худ маҳрум шуда, бе сарпаноҳ мемонанд.

Кумита оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии СММ Маърӯзаи якҷояи дуюм ва сеюми даврии Тоҷикистон оид ба татбиқи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро баррасӣ намуда, аз норасоии манзилҳои истиқоматӣ, паст шудани сатҳи маблағгузории фонди давлатии манзил, зиёд шудани ҳолатҳои кӯчонидани маҷбурӣ, махсусан аз хобгоҳҳо бе пешниҳод намудани манзили дигар, аз он ҷумла аз наандешидани тадбирҳои самаранок доир ба сохтмони манзили иҷтимоӣ, хусусан барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ, инчунин оилаҳои камбизоат изҳори нигаронӣ намуда, ба Тоҷикистон тавсия додааст, ки ҷиҳати мусоидат кардан ба дастрасии манзили иҷоравӣ, инчунин беҳтар гардондани дастрасӣ ба манзили иҷтимоии қонеъкунандаи талаботҳои оилаҳои камбизоат ва табақаҳои осебпазири аҳолӣ тамоми тадбирҳои қонуниву сиёсиро андешад.

Дар соли 2015 шумораи истеҳсолоти иҷро оид ба маскун намудан ба манзил 1566 ададро ташкил мекунад, ки назар ба соли 2014 127 адад зиёд мебошад. Шумораи истеҳсолоти иҷро оид ба кӯчонидан аз манзил дар соли 2015 назар ба соли 2014 кам шудааст. Новобаста аз ин шаҳрвандони кӯчонидашуда бе манзил монда, дар вазъияти вазнини ҳаётӣ қарор мегиранд. Масалан, шаҳрвандон А.Ф., Ю.Р., Б.М., А.А. ва дигарон оид ба вайроншавии ҳуқуқҳояшон ҳангоми кӯчонидан аз манзил ба ВҲИ муроҷиат намуданд.

Вазъи заноне, ки муносибати оилавиашон қатъ гардидааст ё никоҳашон дар мақомоти сабти ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта нашудааст ва дар натиҷа бе манзили истиқоматӣ мондаанд, ногувор аст. Чунин занон баъди қатъ шудани муносибатҳои оилавӣ одатан ба хонаи падару модарашон мераванд. Дар сурати муроҷиат ба суд ва аъзои оила ҳисобида шудан низ онҳо ҳангоми маскуншавӣ ба мушкилиҳои зиёд дучор мешаванд. Масалан, муроҷиаткунанда С.З. дар муроҷиаташ ба ВҲИ иброз намудааст, ки мувофиқи ҳалномаи суд ӯ бо фарзандонаш аъзои оилаи соҳибмулки хонаи истиқоматии баҳсӣ эътироф шуда, дар ҳуҷраи алоҳида маскун карда шудааст. Аммо новобаста ба он, ки нисбати манзили баҳсӣ таъиноти суд дар хусуси манъ намудани анҷом додани амалҳои нотариалӣ қабул шудааст, манзили баҳсӣ аз ҷониби ҷавобгарон ғайриқонунӣ фурӯхта шуда, муроҷиаткунанда бе ҷои истиқоматӣ мондааст. Чунин ҳолатҳо дар амалия зиёд буда, ҳаллу фасли онҳо андешидани чораҳои заруриро аз ҷониби мақомоти дахлдор тақозо менамояд.

Масъалаҳои вобаста ба нигоҳдорӣ, фарсудашавӣ ва таъмири хонаҳои бисёрошёна низ ҳалталабанд. Новобаста аз он, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил» се тарзи идоракунии молу мулки умумӣ (идораи бевосита аз тарафи соҳибмулкони манзил, ташкили Ширкати соҳибмулкони манзил ва аз тарафи ташкилоти идоракунанда ва ё роҳбарикунанда)-ро пешбинӣ намудааст, аммо дар амал чунин механизм бо сабабҳои гуногун дар баъзе маҳалҳо кор намекунад. Бинобар ин биноҳои бисёрхонагӣ ба таври дахлдор нигоҳубин ва истифода нашуда, фарсуда мешаванд. Бо вуҷуди он ки фонди манзил дар ҷумҳурӣ асосан таҳти моликияти хусусӣ қарор дорад, аммо аҳолӣ то ҳол масъулияти худро оид ба истифода ва таъмири манзил чандон пурра дарк накардааст, ки боиси фарсудашавии фонди манзил мегардад. Тибқи иттилои КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” ба санаи 1 январи соли 2015 масоҳати хонаҳои фарсуда ва садамавӣ 14,3 ҳазор метри мураббаъро ташкил мекунад, аз ҷумла 11,7 ҳазор метри мураббаъ фарсуда ва 2,6 ҳазор метри мураббаъ садамавӣ мебошад.

Бинобар ин мувофиқи мақсад аст, ки меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил» ба пуррагӣ татбиқ карда шаванд.

Солҳои охир баҳси манзил дар байни волидону фарзандон ва хешовандони наздик зиёд шудааст. Масалан, муроҷиатҳои ба ВҲИ воридшуда аз номи шаҳрвандон Т.Х., Ю.Г., Ҳ.Х., С.З., М.С., А.Х., С.Х. ва дигарон аз ин гувоҳӣ медиҳанд.

Дар соли 2015 ба Дастгоҳи ВҲИ оид ба ҳуқуқ ба манзил 36 муроҷиатҳои хаттӣ ворид шуданд, ки 14% тамоми муроҷиатҳои хаттии воридшударо ташкил медиҳанд. Муроҷиаткунандагон асосан оид ба масъалаҳои кӯчонидан аз манзил, азонихудкунии манзил бо роҳи фиреб ва сохтакорӣ, бартараф кардани монеаҳо дар истифодаи манзил, маскун намудан ба манзил, ҷудо намудани ҳисса дар манзили истиқоматӣ, бекор кардани шартномаи туҳфаи манзили истиқоматӣ, аъзои оилаи молик эътироф намудан, бе розигӣ фурухта шудани манзили истиқоматии баҳсӣ муроҷиат намудаанд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи ҳуқуқи инсон дар самти ҳуқуқ ба манзил тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба қарзҳои ипотекӣ барои беҳтар намудани шароити манзил;***

***– фаъол намудани нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои нигоҳдорӣ, таъмир ва истифодаи фонди манзил;***

– ***таҳия ва қабули Барномаи давлатии таъмини оилаҳои камбизоат ва табақаҳои осебпазири аҳолӣ ба манзили дастрас ва зиёд намудани сохтмони манзил;***

– ***тезонидани қабули Кодекси нави манзил***.

## 2.9. Ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ

Танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим буда, мавриди таваҷҷуҳи хоси давлат ва ҷомеа қарор дорад. Дар Паёму суханрониҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои вобаста ба танзими давлатии муҳоҷирати аҳолӣ ва таъсири он ба суботи иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, тақвият бахшидан ба омодагии касбии шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ, мутобиқ намудани раванди таълими касбӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва талаботи воқеии бозори меҳнат, таъсиси курсҳои таълими касбу ҳунар ва забономӯзии муҳоҷирони меҳнатӣ вазифаҳои асосии мақомоту ташкилотҳои дахлдор дониста шудаанд.

Тибқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар соли 2015 552 596 (с.2014 - 670806) нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи кишвар сафар намуданд, ки аз онҳо 487 929 нафар мардҳо ва 64667 нафар занҳо мебошанд. Аз шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ 541 636 нафар ё 98% ба Федератсияи Россия сафар намуданд. Дар соли 2015 теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон бо сабабҳои буҳрони молиявию иқтисодӣ дар ҷаҳон, паст шудани қурби рубли русӣ, пурзӯр шудани талаботи қонунгузории муҳоҷирати ФР, мураккаб гаштани расмиёти гирифтани патент, саривақт пардохт нашудани музди меҳнат ва ғайраҳо коҳиш ёфт.

Дар ҷумҳурӣ то ҳол тариқи муташаккилона ба хориҷи кишвар фиристонидани муҳоҷирони меҳнатӣ дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда нашудааст. Дар соли 2015 тавассути Муассисаи давлатии “Агентии бо кортаъминкунӣ дар хориҷа” ва дигар субъектҳои хоҷагидор, ки ба интиқоли қувваи корӣ ба хориҷа машғуланд, ҳамагӣ 831 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони ҷумҳурӣ барои кор фиристода шуданд, ки нисбат ба соли 2014 5967 нафар кам аст.

Тибқи талаботи санадҳои байналмилалӣ, бахусус Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ вазифадоранд, ки ҳуқуқи ҳамаи шахсоне, ки таҳти тобеияти ҳуқуқии онҳо қарор доранд, риоя, ҳифз ва таъмин намоянд. Аммо муҳоҷирони

меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ба мушкилоту ҳуқуқвайронкуниҳои зиёд дучор мешаванд.

Муҳоҷирати батанзимдароварданашуда мушкилоте мебошад, ки то ҳол ҳалли ниҳоии худро наёфтааст. Дар чунин ҳолат одатан муҳоҷирони меҳнатӣ ба қайд гирифта намешаванд ва таҳти назорат қарор намегиранд. Муҳоҷирати батанзимдароварданашуда боиси вайронкунии меъёрҳои ҳифзи меҳнат дар ҷойи кор, мавриди ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ қарор нагирифтани муҳоҷирон ва ғайраҳо мегардад. Мушкилоти мазкурро танҳо тавассути қонунӣ гардонидани муҳоҷири меҳнатӣ дар ҳамбастагии мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва батанзимдарории ҷараёни муҳоҷират ҳаллу фасл кардан мумкин аст. Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар 9 моҳи соли 2015 шумораи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, ки дар ФР дар асоси патент кор мекунанд, зиёда аз 400 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2014 10% зиёд мебошад.

Ҳолатҳои фавти муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар хориҷи кишвар дар давоми соли 2015 назар ба соли 2014 кам гардида бошад ҳам, ин ҳолат нигароникунанда боқӣ мемонад. Тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилии ҶТ дар соли 2015 аз хориҷи кишвар ба Тоҷикистон 843 ҷасад (84 нафар зан) ва дар соли 2014 889 ҷасад (97 нафар зан) интиқол дода шудааст.

Мушкилоти дигар дар ин самт дар муассисаҳои махсуси нигоҳдории муваққатии ФР барои шаҳрвандони хориҷӣ муҳлатҳои дурудароз нигоҳ доштани муҳоҷирони меҳнатӣ ва аз ҷониби мақомоти дахлдор риоя нагардидани муҳлатҳои баррасии дархостҳо оид ба муайян намудани шаҳрвандии шахсоне, ки ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ содир ё қоидаҳои муҳоҷиратро вайрон кардаанд, мебошад. Масалан, ба ВҲИ ҶТ аз ҷониби ВҲИ вилояти Волгоградии ФР барои муайян намудани шаҳрвандии Ҳ.Р., Н.Ҳ. ва М.М., ки аз соли 2014 дар Муассисаи махсуси нигоҳдории муваққатии шаҳрвандони хориҷии вилояти Волгоград нигоҳ дошта мешаванд, муроҷиат ворид шудааст. Аз мазмуни муроҷиат бармеояд, ки ба дархости онҳо оид ба муайян намудани шаҳрвандии Ҳ.Р., Н.Ҳ. ва М.М. аз ҷониби муассисаи консулии Сафоратхонаи ҶТ дар ФР муддати дароз ҷавоби дахлдор ирсол нашудааст. Муроҷиати мазкур барои чораандешии минбаъда ба Вазорати корҳои хориҷии ҶТ фиристода шуд.

Тибқи маълумоти Хадамоти муҳоҷират дар соли 2015 бо сабабҳои вайрон намудани қонунгузории кишвари қабулкунанда 1230 нафар тариқи маъмурӣ ва 209 нафар маҷбуран аз ФР берун (депортатсия) карда шуданд. Ин чораи маҷбурӣ боиси барҳам хурдани оилаҳои қонунӣ

ташкилшуда, аз молу мулк маҳрум шудани онҳо, вайронкунии ҳуқуқи кӯдакони онҳо мегардад.

ВҲИ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ дар соли 2015 ҳамкориҳои худро бо Ваколатдорони ҳуқуқи инсони кишварҳои асосии қабули муҳоҷирони меҳнатӣ, диаспораҳои тоҷикон, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ тавсеа дод.

Бо мақсади амалӣ намудани тавсияи Кумитаи СММ оид ба ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо оид ба васеъ намудани роҳҳои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ дар ФР дар соли 2015 намояндаи ВҲИ ҶТ дар вилояти Свердловски ФР таъин карда шуд, ки ҳадафи он ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан муҳоҷирони меҳнатӣ дар ин вилоят мебошад.

Дар шаҳри Екатеринбург оид ба «Ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таҳкими муносибатҳои байни миллатҳо» бо иштироки ВҲИ ҶТ, ВҲИ дар вилояти Свердловск, муовини раиси Ҳукумати ин вилоят, роҳбарони ҷамъиятҳои тоҷикони муқими Свердловск ва муҳоҷирони меҳнатӣ мизи мудаввар доир гардид, ки дар он масъалаҳои густариши ҳамкориҳои тарафҳо дар ҳифзи ҳуқуқи инсон, бахусус муҳоҷирони меҳнатӣ мавриди муҳокима қарор дода шуда, намояндаи ВҲИ дар вилояти Свердловск муаррифӣ гардида, аз 1 сентябри соли 2015 расман ба фаъолият шуруъ кард.

Дар моҳҳои сентябр-декабри соли 2015 ба намояндаи ВҲИ дар вилояти Свердловск 1996 муроҷиат ворид гардидааст, ки асосан масъалаҳои гирифтани шиноснома (гум кардани шиноснома, ба охир расидани муҳлати амали шиноснома, гирифтани ҳуҷҷатҳои гуногун), ба расмият даровардани шаҳодатномаи бозгашт ба Тоҷикистон, мансубият ба шаҳрвандии Тоҷикистон, ба кор таъмин шудан, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва бақайдгирӣ, пардохт нашудани музди меҳнатро дар бар мегиранд.

Дар соли 2015 дар якҷоягӣ бо ТҶ "Марказ оид ба ҳуқуқи инсон" дар мавзӯи "Риоя намудани ҳуқуқҳои муҳоҷирони тоҷик" тадқиқот гузаронида шуд. Дар доираи тадқиқот мавзуъҳои баҳисобгирӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, хизматрасонии тиббии муҳоҷирони меҳнатӣ ва дастрасии фарзандони онҳо ба таълиму тарбия мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. Натиҷаи тадқиқоти мазкур дар мизҳои мудаввар бо иштироки намояндагони сохторҳои маҳаллии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баррасӣ гардида, вобаста ба он ба мақомоти дахлдори давлатӣ тавсияҳо ирсол гардиданд.

Дар соли 2015 аз ҷониби ВҲИ ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо оид ба масъалаҳои баргаштани наздиконашон ба Тоҷикистон, бекор кардани манъи воридшавӣ ба ФР ва муайян намудани шаҳрвандӣ мусоидат карда шуд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– таъсиси ҷойҳои кории муносиб ва дархостшаванда дар ҷумҳурӣ;***

***– гузаронидани мониторинги вайронкуниҳои ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ бо иштироки коршиносони мустақил;***

***– расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар тавассути таъсиси намояндагиҳои ВҲИ дар минтақаҳои ФР;***

***– дарёфти ҷойҳои корӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ дар дигар кишварҳо;***

***– такмили низоми таълими касбии муҳоҷирони меҳнатӣ ва зиёд намудани курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус забони русӣ.***

## 2.10. Ҳуқуқи кӯдакон

Соли 2015 дар асоси дастурҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паёми ӯ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 бармеоянд, дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон, таъмини ҳуқуқҳои онҳо дар соҳаи маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ, дастгирии кӯдакони ятиму маъюб, таъмир, сохтмон ва таъсиси муассисаҳои томактабӣ, таълимӣ, тарбиявӣ ва тиббӣ пешравиҳои назаррас ба амал омаданд.

Бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дахлдор дар самти мазкур дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳиди сохтории алоҳида – шуъбаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак таъсис ёфта, ҷиҳати таъсиси ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак заминаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Ҳамчунин дар ин сол Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» қабул гардида, ба як қатор қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Дар Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 оид ба ислоҳоти низоми судӣ нисбати ноболиғон чорабиниҳои алоҳида пешбинӣ шудаанд.

Оид ба ичрои Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак Ҷумҳурии Тоҷикистон маърӯзаҳои даврии сеюм, чорум ва панҷуми худро ба Кумитаи дахлдори СММ пешниҳод намуд.

Бо вуҷуди он ки аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор барои таъмини ҳуқуқҳои кӯдак, дастрасии кӯдакон ба таҳсил, саломатӣ ва ҳаёти фарҳангӣ, пешгирии фавти кӯдакон чорабиниҳои дахлдор андешида мешаванд, мутаассифона камбудиҳое низ ҳастанд, ки фаъолгардонии кори мақомоту идораҳои давлатиро дар ин самт тақозо менамоянд.

Меҳнати кӯдакон, хусусан шаклҳои бадтарини он яке аз мушкилоте мебошад, ки дар маркази диққати ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ қарор дорад. Бо мақсади пешгирӣ ва барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон, аз бозори меҳнат баровардани онҳо ва бо дарназардошти уҳдадориҳои байналмилалӣ дар ин самт Барномаи миллӣ оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар ҶТ барои солҳои 2015-2020 бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 октябри соли 2014 №690 тасдиқ гардида, ҷиҳати татбиқи он Нақшаи амалҳо қабул шудааст.

Мушкилиҳои дигари дар ин самт ҷойдошта ба худкушӣ даст задани кӯдакон, дар кӯча мондани онҳо, содиршавии ҷиноятҳо нисбати кӯдакон ва аз ҷониби онҳо, аз оилаҳои пурра дар хонаҳои кӯдакон ва мактаб-интернатҳо ҷойгир намудани кӯдакон, бемасъулиятии волидон дар таълиму тарбияи кӯдак вобаста мебошанд.

Соли 2015 дар ҷумҳурӣ 106 ҳолати суиқасд ва худкушии кӯдакон ба қайд гирифта шудааст.

Тибқи маълумотҳои мавҷуда нисбати падару модарон ва шахсони онҳоро ивазкунанда, инчунин масъулини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки уҳдадориҳои худро дар таълиму тарбияи фарзанд иҷро накардаанд, 12 ҳазору 566 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, аз ҷониби судҳо нисбати онҳо ҷазоҳои дахлдор таъин карда шудаанд.

Иттилооти аз Прокуратураи генералӣ дастрасшуда нишон медиҳад, ки мақомоти давлатӣ ҳангоми баррасии масъала ва қабули қарорҳо дар хусуси таъин намудани васӣ ва парастор ба кӯдакони ниёзманд, фиристодани онҳо ба муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва табобатӣ, вазифаю уҳдадориҳои худро дар қисми ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои молумулкӣ ва идоракунии моликияти ба кӯдакони ятим ва бепарастор тааллуқдошта иҷро накарда, қарори дахлдор қабул намекунанд.

Инчунин аз таҳлили муроҷиатҳои хаттӣ ва шифоҳии шаҳрвандон ба ВҲИ бармеояд, ки дар баъзе ҳолатҳо назорати пайдо кардан ва ҷо ба ҷо кардани кӯдакони бесаробон дуруст ба роҳ монда нашудааст. Ин ҳолат, беҳтар кардани механизми ҳамкориро байни шуъбаҳои маориф, корҳои дохилӣ ва комиссияҳо оид ба ҳуқуқҳои кӯдаки шаҳру ноҳияҳоро тақозо менамояд.

ВҲИ барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдакон дар ҳамкорӣ бо тамоми мақомоту идораҳои дахлдори давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалии дар Тоҷикистон фаъолияткунанда чорабиниҳои муайянро амалӣ месозад. Дар доираи ҳамкориҳо вохӯриҳо ва мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ, тренингҳо ташкил ва гузаронида мешаванд.

Соли 2015 аз ҷониби ВҲИ дар доираи Ёддошти тафоҳуми сетарафа, ки байни ВҲИ, ТҶ “Маркази ҳуқуқи кӯдак” ва Ташкилоти ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо (PRI) барои давраи солҳои 2013-2016 ба имзо расида буд, бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба озодӣ аз зӯроварӣ дар Мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе, Литсейи касбӣ-техникии махсуси №1 шаҳри Душанбе, Қабулгоҳ-таҳвилгоҳи ноболиғони назди ВКД ҶТ дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд ва Муассисаи тарбиявии ЯС 3/12 СРИҶҶ ВА ҶТ мониторинг гузаронида шуд. Натиҷаи мониторинг нишон дод, ки дар муассисаҳои мазкур ҳолатҳои истифодаи зӯроварӣ ҷой надоранд.

Мақомоти ВҲИ бо Мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе ва Литсейи касбӣ-техникии махсуси №1 шаҳри Душанбе робитаи доимӣ дошта, ҳар семоҳа аз ин муассисаҳо боздид менамояд. Соли 2015 аз ҷониби ВҲИ ҷойгиркунии кӯдакон дар муассисаҳои мазкур мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Натиҷаи омӯзиш нишон дод, ки зимни ба ин муассисаҳо равон кардани кӯдакон муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ва Низомнома дар бораи Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак пурра риоя карда намешаванд.

Мутобиқи банди 6-уми моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” кӯдакони аз 10 сола боло, ки ахлоқу рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок буда, ба шароити алоҳидаи таълиму тарбия эҳтиёҷ доранд ва муносибати махсуси омӯзгориро талаб мекунанд, бояд танҳо бо қарори суд ба муассисаҳои таълимии махсус, ки офияти тиббию иҷтимоии онҳоро таъмин мекунанд, фиристода шаванд. Банди 21 Низомнома дар бораи Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак низ ба Комиссияҳо салоҳияти ба муассисаҳои зикргардида фиристодани кӯдаконро надодааст.

Аз 27 парвандаи шахсие, ки дар муассисаҳои мазкур мавриди омӯзиш қарор дода шуданд, 1 нафар бо қарори суд, 20 нафар бо қарори Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак, 1 нафар бо қарори Шӯрои васояту парасторӣ, 5 нафар бо қарори раисони шаҳру ноҳияҳо равон карда шудаанд. Дар 26 парванда муҳлати нигоҳдории кӯдакон дар ин муассисаҳо нишон дода нашудааст.

Риоя нашудани дигар ҳуқуқҳои кӯдакон низ ҷой дорад. Аз ҷумла, ноболиғ Б.Т. (соли таваллудаш 1999) ба Литсейи касбӣ-техникии махсуси №1 шаҳри Душанбе тибқи мактуби Сардори Раёсати нозироти корҳои ислоҳии СРИҶҶ ВА ҶТ дар асоси қарори суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 4 июни соли 2014 барои адои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба муҳлати 120 соат (на зиёдтар аз 2 соат дар як рӯз) ҷойгир карда шудааст. Аммо моҳи декабри соли 2015 ноболиғ Б.Т. ҳанӯз ҳам дар ин муассиса таҳсил мекард.

Ноболиғ Б.А. (соли таваллудаш 2000) дар асоси қарори Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки шаҳри Конибодом аз 6 июли соли 2015 ба Литсейи касбӣ-техникии махсуси №1 шаҳри Душанбе равон карда шудааст. Аммо дар бораи кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок содир кардани ноболиғ дар қарори Комиссия умуман чизе гуфта нашудааст.

Ноболиғ А.Ю (соли таваллудаш 2000) бо қарори Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки ноҳияи Б.Ғафуров дар асоси ариза ва розигии хаттии модараш ба Литсейи касбӣ-техникии махсуси №1 шаҳри Душанбе равона карда шудааст. Дар қарори Комиссия дар бораи ба кирдорҳои ғайриқонунӣ даст задани кӯдак қайд нашудааст.

Ноболиғ С.Ғ. (соли таваллудаш 2000) низ бар хилофи муқаррароти қонун бо қарори Комиссияи мақомоти васояту парастории ноҳияи А.Ҷомӣ бинобар сабаби камбизоат будан ва аз ӯҳдаи тарбияи фарзандон набаромадани модараш ба Литсейи касбӣ-техникии махсуси №1 шаҳри Душанбе фиристода шудааст.

Зимни омӯзиш маълум гардид, ки дар муассисаҳои мазкур имконияти ҳар сол аз ташхиси пурраи тиббӣ гузаронидани ноболиғон мавҷуд нест. Ҳамчунин муассисаҳои мазкур ба толорҳои варзишӣ, синфхонаҳои иловагӣ (синфхонаҳои фаннӣ ва компютерӣ) ва ташкил намудани маҳфилҳои фарҳангӣ ниёз доранд.

Ҳуқуқи дастрасӣ ба таҳсил дар Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шуда, бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» ва як қатор санадҳои дигари меъёрӣ ҳуқуқӣ ба танзим даровaрда мешаванд.

Ҷиҳати пешрафти соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ тадбирҳои муассир андешида мешаванд. Бо қарорҳои Ҳукумати ҶТ «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии сохтмон, таъмир ва азнавсозии мактабҳои дар хонаҳои хусусӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурӣ ҷойгиршуда дар соли 2008-2015», «Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015», «Барномаи давлатии омӯзиш ва таълими забонҳои русӣ ва англисӣ барои соли 2001-2014» қабул ва амалӣ шуданд.

Бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаю ташкилотҳо, ҷамъиятҳои таълимию касбӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои рушди кӯдак, оила, мактаб ва ҷомеа бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 9 сентябри соли 2014, №601 Шӯрои миллии рушди маорифи назди Ҳукумати ҶТ таъсис ёфта, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012 №334 ва Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020 бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 майи соли 2014 №295 қабул гардида, татбиқи онҳо идома дорад.

Бо дарназардошти он ки маориф дар рушди нерӯи инсонӣ саҳми бевосита дошта, пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба сатҳи рушди маориф вобастагии мустақим дорад, ВҲИ аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ин самт диққати ҷиддӣ зоҳир менамояд ва ҷиҳати бартараф кардани мушкилиҳои дар самти дастрасӣ ба таҳсил ҷойдошта тавсияҳои мушаххас пешниҳод менамояд.

ВҲИ бо мақсади омӯзиши вазъи дастрасӣ ба таҳсил соли 2015 дар 11 мактаб-интернат барои кӯдакони ятиму бепарастор ва дорои имкониятҳои маҳдуди равонию ҷисмонӣ мониторинг гузаронид. Аз ҷумла, дар мактаб-интернат барои кӯдакони кар ва шунавоияшон сусти ба номи Т.Ғафорови ноҳияи Б.Ғафуров, мактаб-интернати вилоятӣ барои кӯдакони ятим, бачагони маҳрум аз парастории волидайн дар шаҳри Чкалов, мактаб-парастишгоҳи шифоҳии №40 дар ноҳияи Конибодом, мактаб-интернати махсус барои бачагони қувваи босираашон суст ва заифи шаҳри Исфара, мактаб-интернат барои кӯдакони ятими шаҳри Истаравшан, мактаб-интернати ёрирасон дар шаҳри Хуҷанд, мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятими ноҳияи Шӯрообод, мактаб-интернат барои кӯдакони ятиму бепарастори ноҳияи Муъминобод, мактаб-интернат барои кӯдакони ятими ноҳияи Нуробод, мактаб-интернат барои кӯдакони ятими ноҳияи Рашт, мактаб-

интернати наздимактабӣ барои кӯдакони ятиму бепарастори ноҳияи Тоҷикобод чунин мониторингҳо гузаронида шуданд.

Дар вилояти Суғд мониторингҳо бо иштироки намояндаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Раёсати маорифи вилоят гузаронида шуда, натиҷаи онҳо дар вохӯриҳо бо раисони комиссияҳо (муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо) оид ба ҳуқуқҳои кӯдаки шаҳру ноҳияҳо, аъзои комиссияҳои ҳуқуқи кӯдак, роҳбарони шуъбаҳои маориф ва мактаб-интернатҳои мазкур мавриди муҳокима қарор дода шуда, баҳри бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳои дахлдори ВҲИ пешниҳод карда шуданд.

Дар минтақаҳои дигари кишвар низ ҳангоми гузаронидани мониторингҳо намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои зикршуда иштирок доштанд. Натиҷаи мониторингҳо ба роҳбарони ноҳияҳо расонида шуда, дар мизҳои мудаввар муҳокима гардиданд ва тавсияҳои ВҲИ ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта пешниҳод шуданд. Дар ҳолатҳои алоҳида мактубҳои расмии ВҲИ бо тавсияҳо баҳри беҳтар кардани вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдакон ба Вазорати маориф ва илми ҶТ, раисони шаҳри Исфара, ноҳияҳои Муъминободу Шурообод ирсол карда шуданд. Аз мақомоту муассисаҳои зикргардида оид ба иҷрои тавсияҳои ВҲИ, ки баъди мониторингҳо пешниҳод гардида буданд, маълумотҳои дахлдор ирсол гардиданд.

Дар натиҷаи таҳлили вазъи таъмини ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон дар муассисаҳои номбаргардида камбудиҳои зерин ошкор гардиданд:

– барои ҷалби кӯдакон ба ҳаёти фарҳангӣ дар буҷаи мактаб-интернатҳо маблағҳо пешбинӣ нашудаанд, яъне имконияти ба театр ва дигар марказҳои фарҳангию фароғатӣ ҷалб кардани кӯдакон мавҷуд нест;

– дар буҷаҳои муассисаҳо эҳтиёҷоти махсуси духтарон ба назар гирифта нашудаанд;

– дар мактаб-интернатҳо барои ба бино ворид шудан ва ҳаракат кардани шахсони имконияти маҳдуди ҷисмонидошта (аз ҷумла, кӯдакон) шароит фароҳам оварда нашудааст;

– ятимони кул ба лагерҳои истироҳатӣ ройгон фиристода мешаванд, аммо кӯдаконе, ки падару модар онҳоро партофтааст ва шароиташон аз ятимони кул беҳтар нест ба лагерҳои истироҳатӣ фиристода намешаванд;

– маъмурияти ҳар як муассисаи таълимӣ вазифадор аст, дохилшавандагон ва волидайни онҳоро бо Оинномаи муассиса ва ҳуҷҷатҳои дигар, ки раванди татбиқи таълимро ба танзим медарорад,

шинос намояд, аммо ин талабот дар ягон муассисаи таълимӣ иҷро намешавад;

– таъмини муассисаҳои мазкур бо мутахассисони соҳибкасб ва баланд бардоштани малакаи касбии онҳо беҳбудиро тақозо менамояд.

Ҳамзамон дар муассисаҳои таълимии мавриди мониторинг қароргирифта баъзе камбудиҳои ба ҳар кадоми онҳо хос мушоҳида мегардиданд, ки оид ба бартараф кардани онҳо ба ВҲИ расман маълумотҳо пешниҳод гардиданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар масъалаи дастрасӣ ба таҳсили кӯдакони аз муҳоҷират баргашта низ мушкилиҳо ҷой доранд. Маъмулан кӯдаконе, ки имконияти берун аз ҷумҳурӣ таҳсил карданро надоштанд, бинобар қафо мондан аз барномаҳои таълимӣ имконияти идома додани таҳсил дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистонро низ аз даст медиҳанд. Бинобар ин, мувофиқи мақсад аст, ки ин кӯдакон тариқи имтиҳонсупорӣ аз рӯи саводашон ба синфи дахлдор қабул карда шуда, инчунин таҳсили ройгони кӯдакон дар мактабҳои шабона ва ғоибона иҷозат дода шавад.

Баъзе ҷавононе, ки баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба муассисаи ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ дохил шуда наметавонанд, аз сабаби он ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо касбомӯзӣ фаро гирифта нашудаанд, бекор мемонанд. Бинобар ин татбиқ намудани талаботи бандҳои 15-17-и моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» мувофиқи мақсад мебошад. Қонуни мазкур пешбинӣ менамояд, ки дар сурати мавҷуд будани заминаи зарурии моддию техникӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳсилоти ибтидоии касбӣ низ ба роҳ монда шуда, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумие, ки барои фаъолияти касбомӯзӣ иҷозатнома доранд, метавонанд дар асоси шартнома хизматрасонии таълимии иловагӣ, аз ҷумла пулакиро ба роҳ монанд. Татбиқи ин моддаи қонун имконият фароҳам меорад, ки бо хатми синфи 11 шахс дорои касби муайян низ бошад.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар самти таъмини ҳуқуқҳои кӯдак тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:**

***– риояи муқаррароти қонунгузорӣ ҳангоми равон кардани кӯдакон ба муассисаҳои махсус барои кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда, дар онҳо ба роҳ мондани ташхиси пурра ва доимии тиббии кӯдакон, ташкили толорҳои варзишӣ, синфхонаҳои иловагӣ (синфхонаҳои фаннӣ ва компютерӣ) ва маҳфилҳои фарҳангӣ;***

***– мавриди санҷиш қарор додани вазъи риояи ҳуқуқи кӯдак дар мактаб-интернатҳо аз ҷониби комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо.***

## 2.11. Ҳуқуқи занон

Тоҷикистон баҳри амалӣ намудани ҳуқуқҳои занон тадбирҳои зарӯрӣ андешида истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 июни соли 1993 Конвенсияи СММ дар бораи рафъи тамоми шаклҳои табъиз нисбати занонро ба тасвиб расонид. Конвенсияи мазкур муқаррар менамояд, ки давлатҳои аъзо тамоми тадбирҳоро барои иштироки баробари занон ва мардон бидуни ягон табъиз дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ андешанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баробарҳуқуқии занон ва мардонро дар назди қонун, интихоби ҳамсар, барпо кардани оила ва бекор кардани ақди никоҳро кафолат додааст. Дар ин замина ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои занон ва баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа як қатор қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳо қабул гардиданд.

Қонуни ҶТ “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо” аз 1 марти соли 2005 ва Фармони Президенти ҶТ “Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа” аз 3 декабри соли 1999 ва Нақшаи амали миллии ҶТ “Дар бораи баланд бардоштани нақш ва мақоми зан барои солҳои 1998-2005”, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 10 сентябри соли 1998 тасдиқ гардидааст, аввалин ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки баъди соҳибистиқлолӣ баҳри тақвияти ҳуқуқу озодиҳои зан дар ҷумҳурӣ қабул гардидаанд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013, №288 Консепсияи мақсадноки миллии илмию таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028 тасдиқ шудааст, ки дар он ба таҳқиқи ҳаёту фаъолияти занон диққати махсус зоҳир гардидааст.

Соли 2015 аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Соли оила» эълон гашт. Бо мақсади иҷрои вазифаҳо бахшида ба “Соли Оила”, инчунин барои тақвият додани ҳамкориҳо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон тибқи Нақшаи кори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар давоми соли 2015 вобаста ба ҳуқуқҳои занон дар оила ва ҷомеа, мавқеъи зан дар оила ва нақши ӯ дар таълиму тарбияи фарзанд, ташвиқи фарҳанги миллӣ бо намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияҳои водии Рашт 11 вохӯриҳо гузаронида шуданд. Дар доираи ин вохӯриҳо бо муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо, ки пешбурди ин масъалаҳоро ба ӯҳда доранд,

мудирони шуъбаҳои кор бо занон, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, корҳои дохилӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ мушкилиҳои занон мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Аз ҷониби кормандони ВҲИ ташвиқи ҳуқуқҳои занон тариқи баромадҳо дар воситаҳои ахбори омма, чопи мақолаву маводҳо ва маслиҳатҳои ҳуқуқӣ дар «Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон» ба роҳ монда шудааст.

Ҳуқуқ ба ташкили оила, баробарии мардон ва занон дар муносибатҳои оилавӣ дар маркази таваҷҷуҳи ВҲИ қарор дорад. Вобаста ба ин соли 2015 ВҲИ масъалаҳои бастан ва бекор кардани акди никоҳро таҳлил намуд *(ниг.: ба диаграмма)*.




Аз таҳлилҳо бармеояд, ки бастани никоҳ дар соли 2015 (77020) дар муқоиса ба соли 2014 (95478) кам шудааст. Бекоршавии никоҳ дар мақомоти САҲШ соли 2014 (9132 адад) ва соли 2015 (8356 адад), дар мақомоти судӣ дар соли 2014 (11410) ва соли 2015 (11228) низ кам гардидааст.

Таҳлили мурочиатҳои занон вобаста ба муносибатҳои оилавӣ, ки дар Дастгоҳи марказии ВҲИ ба қайд гирифта шудаанд, нишон медиҳад, ки занон асосан баъд аз бекор шудани акди никоҳ ба мушкилиҳои вобаста ба ҳуқуқи муошират бо фарзанд, таъмин шудан бо манзили зист (маскун кардан), рӯёнидани алимент барои нигоҳубини фарзанди ноболиғ мурочиат мекунанд. Соли 2015 аз 11228 оилае, ки никоҳашон дар мақомоти судӣ бекор карда шудааст, дар 8888 оила фарзандони ноболиғ тарбия меёфтанд. Ба ҳисоби миёна агар дар ҳар як оила ду фарзанд бошад, танҳо соли 2015 шумораи кӯдаконе, ки дар оилаи нопурра тарбия меёбанд тақрибан 17776 зиёд мешавад, ки эҳтимолияти

ба мушкилиҳои зиёд дучор шудани онҳоро ба вуҷуд оварда, боиси вайрон шудани як қатор ҳуқуқҳои онҳо мегардад.

Аз муроҷиатҳо бармеоянд, ки баъди бекоршавии ақди никоҳ зан ва фарзандон бе ҷои зисти доимӣ монда, дар манзиле, ки собиқ шавҳараш бо падару модар, хоҳару бародар ва ҳамсари нави худ зиндагӣ дорад, маскун карда мешаванд. Ин ҳолат бо дарназардошти муносибатҳои бади зан бо собиқ шавҳар ва хешовандони ӯ ба саломатии зан ва рушди равонии фарзандон таъсири манфӣ мерасонад. Дар чунин оилаҳо ҷанҷолҳои доимии оилавӣ рух медиҳанд, ки онҳо занро маҷбур месозанд, ки ҳамроҳи фарзандон аз манзили маскуншуда баромада равад.

Инчунин муроҷиатҳои шаҳрвандон нишон медиҳанд, ки дар баъзе ҳолатҳо духтарони ятим ва маъюб (хатмкунандагони мактаб-интернатҳо) баъди таваллуди фарзанд аз сабаби надоштани хешовандони наздик умуман бе ҷои истиқомат мемонанд.

Зимни боздид аз Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбони шаҳри Душанбе муайян карда шуд, ки дар ин муассиса ду нафар ҷавонзан ҳамроҳи фарзандони худ ҷойгир карда шудаанд. Ш.А. (соли таваллудаш 1986, маъюби гурӯҳи 1) ҳамроҳи духтараш Д.А. (соли таваллудаш 2011) ва А.З. (соли таваллудаш 1991, маъюби гурӯҳи 2) ҳамроҳи духтараш А.Р. (соли таваллудаш 2014) якчанд сол боз муваққатан дар Маркази мазкур зиндагӣ мекунанд. Ҳол он ки ин Марказ барои зисти кӯдакон пешбинӣ нашудааст. Шумораи чунин ҷавонзанон кам нестанд. Бинобар ин, ташкили манзилҳои иҷтимоӣ ё марказҳои будубош барои чунин модарони танҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Дар муроҷиати шаҳрванд Х.А. (ятими кул, маъюби гурӯҳи 2, бе ҷои зисти доимӣ) ба ВҲИ омадааст, ки аз сабаби як муддати муайян ба дарс ҳозир нашудан ӯ аз омӯзишгоҳ хориҷ шуда, аз хобгоҳ ронда шудааст. Бо мусоидати ВҲИ дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор ба муроҷиаткунанда Х.А. барои таҳсил дар омӯзишгоҳ иҷозат дода шуда, ӯ бо ҷои хоб таъмин гардид.

Баъзан зӯроварии хонаводагӣ боиси вайроншавии оилаҳо, худкушӣ, аз таълиму тарбия ва таҳсил дур мондани фарзандон ва як қатор мушкилиҳои дигар мегардад.

Бо мақсади пешгирӣ ва аз байн бурдани зӯроварии хонаводагӣ ҳанӯз соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” қабул гардида, ҷиҳати татбиқи он Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 амалӣ мешавад.

Аз ҷониби Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоту идораҳо дар ин самт корҳои зиёде, аз ҷумла ташкили телефони боварӣ, бурдани омор оид ба муроҷиати шаҳрвандон, ташкили курсҳои махсуси такмили ихтисос, семинарҳо барои аҳолӣ, ташкили марказҳои будубоши муваққатӣ ва дигарҳо амалӣ мегарданд.

Барои мусоидат ҷиҳати барҳамзании бисёрникоҳӣ, аз байн бурдани қолабҳои манфии гендерӣ, зӯроварӣ дар оила ва барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншудаи занон ВҲИ ҳамкориҳоро бо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ, Маркази худшиносии бонувони шаҳри Душанбе, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, СММ-Занон ва Хазинаи нуфуси СММ ба роҳ мондааст.

Аз ҷониби ВҲИ соли 2015 бо дастгирии СММ-Занон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз нигоҳи гендерӣ мавриди таҳлил қарор дода шуд. Зимни таҳлили Қонуни мазкур мутобиқати он бо Конститутсияи ҶТ, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ ба монанди Конвенсияи СММ оид ба рафъи тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Эъломия дар бораи рафъи зӯроварӣ нисбати занон, Тавсияи умумии Кумитаи СММ оид ба рафъи тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон №19 аз соли 1992 ва дигар санадҳои дахлдор мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.

Таҳлил нишон дод, ки дар Қонуни мазкур масъалаҳои зерин ба назар гирифта нашудаанд:

– таъмини ҳифзи моликияти умумӣ зимни маҷбуран тарк намудани манзили истиқоматӣ аз ҷониби ҷабрдидаи зӯроварӣ;

– кафолати расонидани ёрии ройгони тиббӣ ва ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ;

– пешбинӣ намудани механизми ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдида ҳангоми ба зӯроварии иқтисодӣ ва рӯҳӣ гирифтор шудан.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи таъмини ҳуқуқҳои занон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– баланд бардоштани дониши ҳуқуқӣ ва маърифати оиладории ҷавонон;***

***– сохтмони манзилҳои иҷтимоӣ барои модарони ятим ва танҳои дорои маъюбият;***

***– таъмини пурраи иҷрои қарорҳои судӣ вобаста ба ҳуқуқҳои занон ва кӯдакон.***

# ХОТИМА

Дар Маърӯзаи мақомоти ВҲИ барои соли 2015 самтҳои асосии фаъолияти он, вазъи риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар кишвар мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, маводҳо бо мисолу далелҳои мушаххас пурра гардонида шудаанд. Дар маърӯзаи мазкур бори аввал масъалаҳои вобаста ба санҷишу мониторингҳои гузаронидашуда на ҳамчун зерқисми алоҳида, балки ба ҳайси маводҳои тақвиятдиҳанда дар таҳлили ҳуқуқҳои алоҳидаи инсон истифода шудаанд.

Дар қисми аввали маърӯза самтҳои асосии фаъолияти мақомот инъикос ёфтааст. Дар масъалаи таҳкими иқтидори мақомот дар маърӯза қайд мешавад, ки вобаста ба иҷрои дастури Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таъсиси ниҳоди Ваколатдори ҳуқуқи кӯдак дар ҷумҳурӣ, ки аз Паёми навбатиаш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 бармеояд, гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, ба Қонуни ҶТ "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва шаш санади меъёрии ҳуқуқии дигар тағйиру иловаҳо пешниҳод гардид, ки онҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, барои ҷонибдорӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон равон карда шудаанд.

Дар тули 5 сол бо ибтикори ВҲИ дар ҳамкорӣ бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дастгирии молиявии созмонҳои байналмилалӣ дар шаҳрҳои Хоруғ, Қурғонтеппа, Хуҷанд, Турсунзода, Роғун, Кӯлоб, Исфара, ноҳияҳои Айниву Рашт, Қумсангиру Қубодиён дар маҷмӯъ 11 Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ таъсис дода шуданд. Ҳамчунин дар доираи ин ҳамкорҳо дар вилояти Свердловски Федератсияи Россия аз моҳи сентябри соли 2015 тариқи озмоишӣ намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор шурӯъ намуд. Таҷрибаи мақомоти ВҲИ ҶТ дар ин самт мавриди таваҷҷуҳи дигар ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар кишварҳои минтақа қарор гирифтааст.

Соли 2015 Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2011-2015 ҷамъбаст гардида, Стратегияи нави мақомот барои солҳои 2016-2020 таҳия ва тасдиқ шуд.

Соли 2015 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 3474 адад (соли 2014 - 3252 адад) мурожиатҳои шаҳрвандон ба қайд гирифта шуданд, ки аз онҳо 605 адад хаттӣ ва 2869 адад муроҷиатҳои шифоҳӣ

мебошанд. Аз ин шумора 526 адад (соли 2014 - 542 адад) дар Дастгоҳи марказӣ ва 2948 адади боқимонда (соли 2014 - 2710 адад) дар Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ ба қайд гирифта шуданд.

Дар соли 2015 нисбат ба соли 2014 теъдоди мурочиатҳо дар самти ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (34), ҳуқуқ ба муҳокимаи одилона судӣ (31), ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (31), ҳуқуқ ба меҳнат (9) ва ҳуқуқи гурезагон (5) бештар гардида, баръакс мурочиатҳо дар самти ҳуқуқ ба манзил (38), ҳуқуқ ба моликият (22), ҳуқуқ ба мурочиат (1) ва ҳуқуқ ба таҳсил (1) кам гардидаанд.

Натиҷаи баррасии мурочиатҳо нишон медиҳад, ки чун соли 2014 дар соли 2015 низ шаҳрвандон нисбат ба мақомоти судӣ бештар шикоят намудаанд, гарчанде ин шумора (66 адад) тағйир наёфтааст. Нисбат ба мақомоти прокуратура ва мақомоти корҳои дохилӣ мурочиатҳои шаҳрвандон зиёд гардидаанд. Агар дар соли 2014 нисбат ба мақомоти прокуратура 9 адад ва ба мақомоти корҳои дохилӣ 22 адад мурочиат шуда бошад, пас дар соли 2015 ин рақамҳо мутаносибан 12 ва 26 ададро ташкил медиҳанд.

Ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон мақомоти ВҲИ дар соли 2015 ба 36 адад (соли 2014 - 50) лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулосаҳо пешниҳод намудааст.

Дар соли 2015 кормандони Дастгоҳи марказӣ (190) ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ (58) дар маҷмӯъ 248 (соли 2014 - 203) маротиба тариқи воситаҳои ахбори омма баромад карданд, ки нисбат ба соли 2014 (203) бештар мебошад.

Дар ин сол бо ибтикори мақомоти ВҲИ 28 (соли 2014 - 14) семинару конференсия ва мизҳои мудаввар гузаронида шуда, иштироки кормандони ВҲИ дар 99 (соли 2014 - 113) чорабиниҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъмин карда шуд.

Ҳамзамон дар ин давра кормандони Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар 122 мизҳои мудаввар ва семинарҳо иштирок ва суханронӣ намуда, оид ба паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва нақши мақомот дар пешбурд, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон иттилоъ доданд.

Ҷиҳати иҷрои Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2012 №678 тасдиқ гардидааст, як қатор корҳои амалӣ ба анҷом расонида шуданд. Зимни татбиқи марҳилаи якуми Барнома дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ аз намояндагони сохторҳои таълимии вазоратҳо, идораҳо ва муассисаҳои олии таълимӣ ва дигар ташкилотҳо таъсис дода шудааст, ки дар таркиби

он вобаста ба самтҳои асосии иҷрои Барнома шаш гурӯҳи корӣ амал менамоянд.

Аз ҷониби гурӯҳҳои кории назди Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ, ки дар назди ВҲИ аз соли 2013 амал менамояд, 17 барномаҳои мақсаднок таҳия шуда, барои дар муассисаҳои таҳсилотӣ ҷорӣ намудани фанни «Ҳуқуқи инсон» ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар идораҳои дахлдор ирсол гардиданд.

Барномаҳои таълимии мазкур дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ ва Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа, Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура, Академияи Вазорати корҳои дохилӣ, Маркази таълимии судяҳои назди Шӯрои адлия, Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлия, Муассисаи давлатии такмили ихтисоси Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мавриди татбиқ қарор гирифтаанд.

Дар соли 2015 ҳамкориҳои судманди мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, муассисаҳои илмӣ-таълимӣ ва ВАО, ки дар маърӯза мушаххасан номбар карда мешаванд, идома дода шуданд. Дар доираи онҳо баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон, гузаронидани санҷишу мониторингҳо, нигоҳдорӣ ва маблағгузории Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар минтақаҳои кишвар ва берун аз он, баргузории семинару конфронсҳо, табъу нашри “Ахбори ВҲИ” ва дигар маводҳои чопӣ ва дигар корҳои ба нафъи ҳуқуқи инсон нигаронидашуда роҳандозӣ карда шуданд.

Дар соли 2015 дар буҷети давлатӣ барои таъминоти молиявии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1 187 541,00 сомонӣ ҷудо шуда буд. Аз ин ҳисоб барои Дастгоҳи марказии ВҲИ ба маблағи 1 114 159,00 сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Қурғонтеппа ва Хоруғ ба маблағи умумии 73 382,00 сомонӣ пешбинӣ гардида буд, ки мақсаднок истифода карда шуданд.

Инчунин, дар соли 2015 барои фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 337 473 сомонӣ маблағҳои грантӣ ҷалб гардидааст, ки 28% хароҷоти умумии мақомотро ташкил медиҳанд.

Дар Маърӯза вазъи риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон дар ҷумҳурӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ва амалия бо дарназардошти

талаботи санадҳои байналмилалӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, дар баробари пешравиҳою дастовардҳои муайян, инчунин мушкилоти ҷойдошта низ баён гардидаанд.

Ҷиҳати бартарафсозии мушкилоти қайдшуда ва бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар самти риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, оид ба ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф – 4, ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма – 6, ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида – 3, ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шахс ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ – 7, ҳуқуқи гурезаҳо – 3, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 4, ҳифзи ҳуқуқи маъюбон – 5, ҳуқуқ ба манзил – 4, ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ – 5, ҳуқуқи кӯдакон – 2 ва ҳуқуқи занон – 3, дар маҷмӯъ 46 тавсия пешниҳод гардидааст.

ВҲИ итминон дорад, ки маводҳои дахлдори Маърӯзаи мазкур дар мақомоти марбута мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати иҷрои тавсияҳои пешниҳодшуда чораҳои дахлдор андешида мешаванд.